МАСТОНИ СУХАНВАР. БА ИФТИХОРИ 90-СОЛАГИИ ШОИР с. 10
ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ПАРИЖ с. 9
ЧОЙХОНАИ «РОҲАТ» АЗ БОМБА ЗАРАР ДИД с. 4

ТОҶИКИСТОН

№15 (1628), 9.04.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ФАСЛИ НАВ

## Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо шарики стратегӣ мешаванд









**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# АЗ ПЕШГӮӢ ТО ТАВСИЯИ БОР БА ТОҶИКИСТОН

**Таҳлилгарони Бонки осиёии рушд (БОР) пешгӯӣ кардаанд, ки рушди иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2025 ва 2026 бо дастгирии сармоягузорӣ ба энергетика ва саноат, талаботи баланди истеъмолӣ ва рушди бахши хусусӣ устувор боқӣ мемонад.**

"Аммо рушд бо барқарор шудани таваччуҳ ба тағйирёбии рақамӣ ва идоракунии электронӣ метавонад тақвият дода шавад",- гуфта мешавад дар "Гузориши рушди Осиё"-и БОР дар моҳи апрел.

Тибқи пешгӯии БОР, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и кишвар соли равон ба андозаи 7,4% ва соли 2026-ум 6,8% пас аз афзоиши 8,4% дар соли 2024 зиёд мешавад.

Пешбинӣ мешавад, ки аз ҳисоби афзоиши қарзҳои истеъмолӣ ва болоравии маоши хидматчиёни давлатӣ, инчунин тарифҳо ба хадамоти коммуналӣ, таваррум дар соли равон то 5,0% ва соли оянда то 5,8% боло меравад.

"Аз таваччуҳи афзалиятноки ҳукумат ба тағйирёбии (табдили) рақамӣ ба сифати омили калидӣ истиқбол мекунем",- гуфтааст намояндаи доимии БОР дар Тоҷикистон Ко Сакамото.

Дар гузориш зикр мегардад, ки ба сатҳи баланди дохилшавии алоқаи мобилӣ дар кишвар суръати сусти интернети мобилӣ, ки дар ҷаҳон дар зинаи 139-ум қарор дорад, монеа эҷод месозад.

"Нимаи соли 2024 шумори ҳамёнҳои мобилӣ ба 10,4 млн адад расидааст, ки ба рушди транзаксияҳои ғайринақдӣ ба андозаи 16,2% дар як сол мусоидат намуда, лекин қабули пардохтҳои рақамӣ нобаробар боқӣ мемонад",- таъкид мекунанд коршиносони БОР.

Муаллифони гузориш ба мақомоти Тоҷикистон бунёди зерсохтори давлатии боэътимод ва қавиро барои пешниҳоди хидматрасониҳои давлатии пурсамар ва фарогир ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ тавсия додаанд.

"Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам хусусӣ, Тоҷикистон барои тағйирот дар саноат, беҳбуди сифати ҳаёт ва мусоидат ба рушди устувор имкониятҳо дорад",- чунин мешуморанд гузоришгарон.

Ёдовар мешавем, ки Тоҷикистон аз соли 1998 ба узвияти Бонки осиёии рушд пазируфта шудааст.



# ЭЪТИРОФИ ШАҲОДАТНОМАИ РОНАНДАГИИ ДУ ДАВЛАТ ДАР ҲУДУДИ ЯКДИГАР

**Тоҷикистон ва Қирғизистон созишномаеро имзо кардаанд, ки тибқи он шаҳодатномаи ронандагии ҳамдигарро эътироф мекунанд.**

Матни ин созишномаро пойгоҳи иттилоотиву ҳуқуқии Вазорати адлияи Тоҷикистон нашр кард.

Тибқи ин созишнома, шаҳрвандони Тоҷикистон ё Қирғизистон ҳангоми будубош дар кишварҳои ҳамдигар ҳақ доранд бе супоридани имтиҳон шаҳодатномаи ронандагии худро иваз кунанд.

Аммо шаҳрвандони ду кишвар бояд ҳуҷҷати ронандагии худро бо тарҷумаи забони давлатӣ ё русӣ бо худ дошта бошанд.

"Дар сурати пайдо шудани шубҳаи марбут ба дурустӣ ё аслӣ будани шаҳодатномаи ронандагӣ, ки барои иваз кардан пешниҳод шудааст, мақомоти салоҳиятдори анҷомдиҳандаи ивазкунӣ метавонад ба мақомоти салоҳиятдори тарафи дигар барои тафтиши аслӣ будан ё дуруст будани шаҳодатномаи ронандагӣ муроҷиат намояд",- гуфта шудааст дар ин санад.

# КАДБОНУИ БЕҲТАРИН ДАР ДУШАНБЕ

**Дар шаҳри Душанбе озмуни «Кадбонуи беҳтарин» баргузор шуд. Озмуни мазкур бо ташаббуси Ҳукумати шаҳри Душанбе дар тарабхонаи «Дидор» байни бонувону ҷавондухтарони ноҳияҳои пойтахт доир карда шуд.**

Озмуни мазкур бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби кадбонуҳо, занони соҳибзавқ ва ҳунармандони моҳир, эҳёи таъомҳои милливу маҳаллии азбайнрафта ва ривоҷ додани пухту пази таомҳои миллӣ дар тарабхонаву ошхонаҳо мебошад. Инчунин, омода намудани ҷавондухтарон ба ҳаёти мустақилона, баланд бардоштани маърифати хонадорӣ ва завқи дастархонорой, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ, ошноӣ ба таърихи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ баргузор карда шуд.

## САРИ САБЗ



**Лутфулло ДАВЛАТОВ,**
**ҳунарпешаи театру синамо**

**- Одамизод бояд аз 55-солагӣ ба нафақа барояд. Дар ин синну сол қоматаш рост аст, ҳаваси зиндагӣ дорад, шароит дорад ва ба сафари дуру наздик, ба дидори хешу табору ёру рафиқ рафта метавонад, бузург шудани набераҳоро дида метавонад ва аз зиндагӣ лаззат мебарад.**

*- Эҳааа, одамони серкор ин гапро шунидаву боз хоҳиши аз 45-солагӣ ба нафақа баромадан дар дилашон пайдо нашавад? Дар ин синну сол қомат боз ҳам росттару ҳаваси зиндагӣ бештар аст ку...*



**Гулсара АВАЗОВА,**
**муҳаррири маҷаллаи "Офтобак"**

**- Вақте шумораи нави маҷалларо ба даст мегирам, гӯё аз зери бори гарон озод мешавам. Масъулияти ман дар баробари масъулияти рӯзномаи рақами яки кишвар қарор дорад. Ба кӯдак фаҳмонида намешавад, ки инҷо хато шудааст, ана ин тавр бояд хонда шавад...**

*- Барои он ки ба кӯдак фаҳмонидан лозим нашавад, медонед чӣ кор бояд кард? Кулли он матолиберо, ки барои кӯдакон аст, бо масъулияти баланду бехато ва фаҳмо чоп кардан айни муддаост.*



**Исроил ШОДИЕВ,**
**ҳунарманди кулолгари тоҷик**

**- Зимистон кор кам буд ва ба ҳунар машғул мешудам. Аввалин бор аз як барнома сохтани хонача аз чӯби гӯгирдро ёд гирифтам. Баъд се хонача сохта, ба дӯстонам туҳфа кардам. Гулкорӣ дар рӯи тухмро омӯхта, барои наздиконам аз муҳоҷират савғотӣ овардам.**

*- Воқеан, як марҳилаи бисёр хубу хушҳолкунанда будааст, хусусан барои дӯстону наздикон. Ҳоло чӣ? Имрӯзҳо ҳам оё аз маҳсули кору гулкориҳоятон ба дӯстон туҳфа мекунед?*






# ФАСЛИ НАВ

## Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо шарики стратегӣ мешаванд

**"Ин шурӯи фасли нав дар дӯстии деринаи мост". Раиси Комиссияи Аврупо нишасти аввали сарони Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупоро дар шаҳри Самарқанд чунин хулоса кард. Нишаст дар рӯзҳои 3 ва 4-уми апрел гузашт.**

Урсула фон дер Лейен дар изҳороте гуфт, ки "Осиёи Марказӣ шарики баргузидаи мост. Имрӯз шарикии стратегии навро оғоз кардем. Ин маънои онро дорад, ки мо метавонем ба ҳамдигар такя кунем".

Пас аз каме печидагии равобит бо Амрико ва ҷорӣ шудани боҷи содиротӣ, Иттиҳоди Аврупо Осиёи Марказиро минтақаи "қобили эътимод" медонад. Брюссел дар нишасти Самарқанд бастаи нави сармоягузории 12-миллиарддоллариро дар доираи ташаббуси Global Gateway ё Дарвозаи ҷаҳонӣ барои Осиёи Марказӣ эълон кард.

Раиси Комиссияи Аврупо чаҳор бартарии онро чунин баршумурд: “Аввал, роҳу нақлиёт. Дуюм, иқлим, энерҷӣ ва об. Мо барои ҳифзи амнияти обу энержии минтақа сарбандҳои азимеро ба мисли “Роғун” (Тоҷикистон) ва “Қамбарота” (Қирғизистон) бунёд мекунем. Сеюм, барои расонидани интернет тавассути моҳвораҳои худ ба минтақаҳои дурдасти минтақа ҳамкорӣ мекунем. Дар ниҳоят, ашёи хоми муҳим. Осиёи Марказӣ бахши назарраси захираҳои ҷаҳониро дорост. Аврупо мехоҳад пешниҳоди одилона, пешниҳоди вижа кунад".

Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон, ки нишаст бо мудирияти ӯ баргузор шуд, аз раҳбарони ниҳодҳои сиёсиву иқтисодии Иттиҳоди Аврупо барои пуштибонияшон аз равандҳои ҳамгирои ва рушди босубот дар минтақа ситоиш кард. Вай гуфт, ки дар худи минтақа шароит барои ҳамкорӣ мусоид шудааст.

“7-8 сол пеш ҳеч замина барои ҳамкорӣ вуҷуд надошт, марзҳо миёни баъзе аз кишварҳои алоҳида баста буд. На савдо буд ва на борқашонӣ, на тиҷорат буд ва на додугирифтҳои башардӯстона. Робитаҳо ба содагӣ ях зада буданд”,- афзуд ӯ.

Дар баробари раҳбарони дигари Осиёи Марказӣ Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон низ дар нишаст гуфт, ки “мо ҳадаф дорем, содироти маҳсулотро ба бозорҳои Аврупо, аз ҷумла тавассути истифодаи имтиёзҳои тиҷоратӣ ба ҳамдигар боз ҳам густариш диҳем”.

Муҳаммад Шамсиддинов, коршиноси равобити байналмилалӣ аз Тоҷикистон, ба ояндаи ин ҳамкориҳои минтақаӣ назари нек дорад: “Бисёриҳо вақте дар бораи нуфузи кишварҳо ҳарф мезананд, танҳо аз Русияву Чин ёд мекунанд. Иттиҳоди Аврупо дар бахши иқтисодӣ аз ин ду кишвар пеш гузашт. Иттиҳоди Аврупо дар соли 2022 Русияро гузашта, шарики дувуми иқтисодии Осиёи Марказӣ шуд”.

Таҳлилгар Қосими Бекмуҳаммад дар робита ба ин мавзуъ мегӯяд: “Масалан, Чин бо тавони молӣ ва сармоягузориҳое, ки дар Осиёи Марказӣ анҷом додааст, фикр намекунам, аз тавсеаи равобити кишварҳои минтақа бо Иттиҳоди Аврупо норозигии зиёде эҳсос бикунад. Тайи беш аз як даҳаи гузашта Чин дар чорчӯби тарҳи “Як камарбанд - як роҳ” беш аз як триллион доллар сармоягузорӣ кардааст. Агар мо ба стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо таваҷҷуҳ кунем, то соли 2027 куллан ҳудуди 300 миллиард доллар сармоягузориро дар назар гирифтааст”,- шарҳ дод ӯ.

Дар ду-се соли охир, пас аз дубора ба қудрат расидани “Толибон” дар Афғонистон ва ҷанги Русия бо Украина таваҷҷуҳи қудратҳо ва кишварҳои гуногун ба Осиёи Марказӣ зиёд шудааст. Аз ҷумла, нишасти "5+1" миёни панҷ кишвари минтақа ва Амрико, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Арабистони Саудӣ, Ҳинд ва кишварҳои дигар.

Раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ин шароитро фурсати хубе барои рушди кишварҳои худ медонанд. Дар ҳоли ҳозир гардиши молу коло миёни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо беш аз 60 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ду ҷониб мехоҳанд, ки дар чанд соли оянда онро ба 100 миллиард доллар бирасонанд.

Дар нишасти Самарқанд таъкидҳо бештар рӯйи манофеи иқтисодиву тиҷоратӣ ва дастёбӣ ба сарватҳои зеризаминӣ сурат гирифт. Дар эъломияи муштарак ба ҳамкорӣ дар бахши амнияту демократия, пешгирӣ аз давр задани таҳримҳо ва эҳтиром ба истиқлолу соҳибихтиёрӣ ва волоияти қонуну озодиҳои бунёдӣ ишора шудааст.

## КУМАКИ РУСИЯ БА МАКТАБҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Дар деҳаи Навободи ноҳияи Рӯдакӣ дар доираи “Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ барои солҳои 2022-2027” маросими супоридани маводи ғизои мактабӣ баргузор шуд.**

Дар чорабинии мазкур муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Музаффарзода Бадриддин, мушовир - фиристодаи Сафорати Русия дар Тоҷикистон Вера Хуторская, намоянда ва директори Барномаи озуқаворechии ҷаҳонии СММ дар Тоҷикистон Адҳам Мусаллам, инчунин намояндагони муассисаҳои дахлдор иштирок намуданд.

Дар маросими супоридани аввалин бастаҳои кумак қайд гардид, ки аз соли 2022 бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои ташкили ғизои гарм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳандозӣ шудааст.

“Дар доираи Барномаи ғизои мактабӣ, ки бо мақсади таъмин кардани мактаббачагон бо ғизои солим ва хушсифат амалӣ мешавад, дар навбати аввал аз ҷониби Русия 270 тонна орди ғанигардонидашуда ба муассисаҳои таълимии кишвар фиристода мешавад”,- қайд кардаанд дар ин маросим.

## ХАТЛОН НАҚШАРО ЗИЁД КАРД

**Имсол дар вилояти Хатлон дар майдони умумии 124 ҳазору 500 гектар кишти пахта гузаронида мешавад.**

Аллакай хоҷагидорон дар майдони 38 ҳазор гектар кишти пумбадона гузаронидаанд. Майдони кишти пумбадона назар ба соли 2024-ум 24 ҳазор гектар бештар мебошад.

Баҳром Ҳасанзода, сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон ба Pressa.tj гуфт, ки имсол дар майдони 41 ҳазор гектар кишти пумбадонаи зери плёнка гузаронида мешавад. “Ин навъи кишт пахтаро аз зарар дидан аз борон муҳофизат карда, харочоти пахтакоронро камтар мекунад”,- гуфт вай.

## Музокироти Эрон ва ИМА



**Ба иттилои расонаҳо, 12-уми апрел Стив Витков, намояндаи Доналд Трамп ва Аббос Ироқчӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон дар шаҳри Масқати Уммон дар хусуси Барномаи атомии Эрон музокироти мустақимро оғоз хоҳанд кард.**

Тайи даҳ рӯзи охир муносибати ИМА ва Эрон дучори чолиши бузург аст. Таниш миёни ду кишвар тақрибан як моҳ пеш, баъди мактуби Доналд Трамп ба Алии Хоманаӣ, раҳбари олии Эрон оғоз шуд. Трамп таҳдид кард, ки Эронро "бомбборон" хоҳад кард. Ба иттилои расонаҳо, Хоманаӣ ба неруҳои мусаллаҳи ин кишвар дастур додааст, ки "дар ҳолати омодабош қарор гиранд".

Reuters менависад, ки "бо ин вуҷуд, ки Эрон талаби Доналд Трампро рад кардааст, вале мехоҳад, музокироти ғайримустақимро тавассути Уммон идома диҳад".

REUTERS

## Шаҳрванди Чин дар ҷанги Украина



**Владимир Зеленский, президенти Украина хабар дод, ки неруҳои мусаллаҳи кишвараш ду шаҳрванди Чинро, ки аз ҷониби Русия дар минтақаи Донетск меҷангиданд, ба асорат гирифтаанд. Вай аз муттаҳидони Киев хост, ки ба ин масъала вокуниш нишон диҳанд ва аз Пекин шарҳ биҳоҳанд.**

Зеленский 8-уми апрел дар "Телеграм" хабар дод, ки ин ду шаҳрванди Чин дар ҷараёни амалиёт дастгир шудаанд ва дар воҳидҳои низомии артиши Русия дар Донетск меҷангидаанд.

Зеленский гуфт, ки "мо ҳуҷҷатҳои ин асирон, кортҳои бонкӣ ва маълумоти шахсии онҳоро дар ихтиёр дорем". Ӯ ҳамчунин акси яке аз сарбозони чинии асиршударо нашр кардааст. Вазорати корҳои хориҷии Чин ҳанӯз ба ин иддаои Зеленский вокуниш нишон надодааст.

BBC



# СММ: 40% КАСБУ КОР АЗ БАЙН МЕРАВАД!

**Созмони Милали Муттаҳид дар гузорише, ки 3-юми апрел нашр кард, ҳушдор дод, зеҳни сунъӣ метавонад то соли 2033-юм 40 дарсад аз касбу кори ҷаҳониро таҳти таъсир қарор диҳад.**

Ба таъкиди СММ, ин технология, ки пешбинӣ мешавад то соли 2033 арзишаш ба 4,8 триллион доллар расад, ҳамчунон фурсати бузург барои рушди иктисодӣ ва судоварӣ махсуб мегардад. Ин созмон таъкид мекунад, ки зеҳни сунъӣ метавонад судоварияшро афзоиш диҳад.

Ин ниҳоди ҷаҳонӣ изҳори нигаронӣ намудааст, ки зуҳури зеҳни сунъӣ дар оянда таҳдид барои бисёре аз касбу корҳо хоҳад буд. Дар гузориши Созмон таъкид мешавад, ки ба шакли автоматӣ анҷом ёфтани бисёре аз касбу корҳо сабаби аз байн рафтани ҷойҳои корӣ мешавад.

Ҳамзамон, СММ таъкид мекунад, ки зеҳни сунъӣ фақат ҷойгузини касбу кор намешавад, балки метавонад соҳаҳои нави саноатиро эҷод намуда, дар тавонмандсозии коргарон саҳм гузорад.

Нигаронии СММ дар ҳолест, ки чанде қабл Бил Гейтс изҳор дошт, зеҳни сунъӣ метавонад дар оянда дар бахшҳои тибу маориф ҷои табибон ва омӯзгоронро иваз намояд.

## ӮЗБЕКИСТОН БУЗУРГТАРИН ФУРӮШАНДАИ ТИЛЛО

**Кишварҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон бо фурӯши 12 ва 9 тонна тилло дар миёни кишварҳои ҷаҳон ба қатори бузургтарин фурӯшадаҳои тилло дар моҳи феврали соли ҷорӣ шомил шуданд.**

Дар зинаи аввал Ӯзбекистон бо фурӯши 12 тонна тилло ва дар зинаи дувум Қазоқистон бо фурӯши 9 тонна тилло қарор гирифтанд. Дар ин бора Шурои ҷаҳонии тилло хабар медиҳад. Дар охири моҳи зимистон бонкҳои марказии ҷаҳон захираҳои расмии тиллои худро 24 тонна афзоиш доданд. Тақозои асосиро бонкҳои марказии кишварҳои дар ҳоли рушд ташкил медиҳанд. Лаҳистон 29 - тонна, Чин – 5 тонна, Туркия 3 – тонна, Урдун - 3 тонна, Қатар – 2 тонна ва Чехия 2 – тонна.

Бо ин сабаб, Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар қатори фурӯшандаҳои асосии тилло дар ҷаҳон шомил шуданд. Ӯзбекистон захираҳои тиллои худро 12 тонна ва Қазоқистон 8 тонна камтар кард.

## ЧОЙХОНАИ "РОҲАТ" АЗ БОМБА ЗАРАР ДИД

**Чойхонаи "Роҳат" дар пойтахти Украина - шаҳри Киев рӯзи 6-уми апрел дар ҳамлаи мушакии Русия қисман вайрон шудааст. Дар ин бора чанд нафар аз тоҷикони муқими Киев дар шабакаҳои иҷтимоӣ хабар доданд.**

Ёдовар мешавем, ки моҳи феврал низ зимни партоби мушак ин чойхона қисман сӯхта буд. Чойхонаи тоҷикии "Роҳат" дар Киев, ки барои бештар аз 100 нафар меҳмон пешбинӣ шудааст, макони маъруф барои тоҷикони




Ба гуфтаи онҳо, чанд мушаки Русия ба атрофи чойхона афтода, тирезаҳои онро шикаста ва дохили биноро хароб кардаанд. Соҳиби чойхона гуфтааст, ки дар фурсати зудтарин дубора кори он оғоз хоҳад шуд.

муқими Украина аст. Дар аксҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ дида мешавад, ки Сафорати Тоҷикистон дар Украина низ аксар чорабиниҳои фарҳангияшро дар ҳамин чойхона мегузаронад.

## ФАРАНҶӢ ДАР ДИН ВОҶИБ НЕСТ

**Муфтиёти Қирғизистон бо нашри як эълон гуфт, ки "никобу фаранҷӣ дар дин воҷиб нест" ва он барои ҷомеаи ин кишвар падидаи бегона аст. Аз ин лиҳоз, "занҳо барои напӯшидани он гунаҳкор намешаванд".**

"Ин имкон вуҷуд дорад, ки баъзе аз бадкирдорон зери никоб худро хоҳар ва ё бародари мо нишон дода, мумкин аст, ба амнияти мардум таҳдид кунанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки чеҳра боз бошад, то онҳоро шинохта тавонанд",- зикр мешавад дар баёнияи Идораи мусулмонони Қирғизистон.

Бахси пӯшидани никоб ё фаранҷӣ ё напӯшидани он дар ҷомеаи Қирғизистон аввали моҳ ва дар пайи роҳандозии корҳои фахмондадиҳии мақомоти интизомии ин кишвар миёни занон оид ба манъи пӯшидани ин навъи либос доғ шуд.

Мақомоти ин кишвар ба занон ҳушдор додаанд, ки "дар сурати риоя нашудани талаботи қонун занҳо 20 000 сом (230 доллари амрикоӣ) ҷарима хоҳанд шуд".

Пас аз як рӯзи корҳои фаҳмонидадиҳӣ, Содир Жапаров, раиси ҷумҳури Қирғизистон ҳам оид ба пӯшидани ҳиҷоб, никоб ва фаранҷӣ муфассал андешаашро баён кард ва гуфт, ки ин кори шахсии ҳар нафар аст, ҳар тавре мехоҳад пӯшад, аммо чеҳра бояд боз бошад.

Ҳамчунин, ӯ аз кормандони милитсия хост, "ба ҷойи салла калла наоранд", яъне ба занҳое, ки рӯсарӣ доранд, аммо рӯяшон метобад, кордор нашаванд.



## ГАРМИДИҲӢ ГАРОН МЕШАВАД?

**Тарифҳои нави гармидиҳӣ барои таъминкунандагони он дар шаҳри Душанбе аз 1-уми апрели соли 2025 то 50% баланд шуданд. Дар ин хусус қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 13-уми марти соли 2025 тасдиқ шудааст, ки нусхаи онро пойгоҳи иттилоотиву ҳуқуқии Вазорати адлияи Тоҷикистон нашр кардааст.**

Мувофиқи ин қарор, Шабакаҳои гармидиҳии Душанбе, ки таъминкунандаи гармӣ дар пойтахт аст, ҳамакнун неруи гармиро аз истехсолкунандаҳо - марказҳои барқу гармидиҳӣ барои ҳар як Гкал 25,50 сомонӣ мехарад. Пештар он 17 сомонӣ буд.

Ҳамчунин, акнун ташкилоти буҷетӣ барои 1 Гкал неруи гармӣ 148 сомонӣ (қаблан 98,67 сомонӣ буд) ва ҳамаи истифодабарандагони боқимонда 170,20 сомонӣ (қаблан 113,47 сомонӣ буд) пардохт мекунанд.

Бояд гуфт, ки Шабакаҳои гармидиҳии Душанбе аз истехсолкунандаҳои гармӣ - марказҳои барқу гармидиҳӣ гармиро мехарад ва онро бо нархе, ки бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ мувофиқа мешавад, ба аҳолӣ пешниҳод мекунад.

Ҳоло аҳолӣ барои ҳар 1 метри мураббаъи майдони интиқоли гармии манзил дар як моҳ 1,18 сомонӣ пардохт мекунад.

Аз Шабакаҳои гармидиҳии Душанбе мегӯянд, ҳоло маълум нест, ки нархи гармӣ барои аҳолӣ ҳам тағйир меёбад ё не.

# ПАРАСТУ-2025

## Кай ва дар куҷо намоишҳоро метавон тамошо кард?

*14-21-уми апрел дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ - “Парасту 2025” баргузор мегардад. 18 театри касбии кишвар беҳтарин намоишномаҳои худро манзури тамошобинон мекунанд. Ҷашнвора 14-уми апрел, соати 18:00 дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо намоиши “Куруши Кабир” дар таҳияи Айяна Оскенбаева оғоз мешавад.*

**Макону замони таҳияи намоишҳо дар зер пешкаши шумо мешавад.**

| Рӯз | соат | Макон | Намоиш ва таҳиягар | Театр |
|---|---|---|---|---|
| 15 апрел | 10:00 | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе | **«Хорпуштак ва рӯбоҳ”** *коргардон А. Абдураҳмонов* | Театри вилоятии лӯхтаки шаҳри Бохтар |
| | 14:00 | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов | **“Тангои ҷиноятӣ”** *коргардон В. Шеров* | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов |
| | 17:30 | Театри таҷрибавии ба номи М.Қосимов (Театри “Ахорун) | **“Евгений Онегин”** *коргардон Г.Наимова* | Театри таҷрибавии ба номи М.Қосимов |
| 16 апрел | 10:00 | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе | **“Гург, рӯбоҳ ва хурӯс”** *коргардон З.Ҷаводов* | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе |
| | 14:00 | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов | **“Ривояти суғдӣ”** *коргардон С.Алимов* | Театри мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара |
| | 17:30 | Театри таҷрибавии ба номи М.Қосимов (Театри “Ахорун) | **“Первый танец в одиночку»** *коргардон Р.Раҳматуллоева* | Театри драма ва мазҳакаи русии ба номи А.С.Пушкини ш. Бӯстон |
| 17 апрел | 10:00 | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе | **“Приключения Ходжа Насриддина и Иванушки”** *Коргардон Н.Аҳмадӣ* | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Бӯстон |
| | 14:00 | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ | **“Ахтаре аз Хатлонзамин”** *коргардон Р.Одиназода* | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб |
| | 17:30 | Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ | **“Келини чойдорӣ”** *коргардон С. Шехов* | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К.Хуҷандии шаҳри Хуҷанд |
| 18 апрел | 10:00 | Театри таҷрибавии ба номи М.Қосимов (театри “Ахорун) | **“Қисмати зан”** *коргардон Х.Дадаҷонов* | Театри давлатии драмаи мусиқии ба номи М.Воҳидови ноҳияи Ашт |
| | 14:00 | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов | **“Пушаймонӣ”** *коргардон М.Ахмедов* | Театри давлатии мусиқии тамошобини ҷавони ба номи О.Назаров |
| | 17:30 | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ | **“Ял” (аз рӯйи “Шоҳнома”** *коргардон У.Хисрав* | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М.Назарови ш.Хоруғ |
| 19 апрел | 10:00 | Театри таҷрибавии ба номи М.Қосимов (театри “Ахорун) | **“Сандукчаи сехрнок”** *коргардон Б.Баракаева* | Театри давлатии ӯзбекии ба номи Ш.Бурҳонови ноҳияи Спитамен |
| | 14:00 | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов | **“Зангирӣ ё дамгирӣ”** *коргардон Ш.Қурбонмуҳаммадов* | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Мухаммадҷонови шаҳри Бохтар |
| | 17:30 | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ | **“Пир во время чумы”-** *коргардон Х. Мустафоев* | Театри давлатии русии ба номи Вл.Маяковский |
| 20 апрел | 10:00 | Театри давлатии ҷавонон ба номи М.Воҳидов | **“Бозгашт”** *коргардон Ф.Ғаффорпур* | Театри мусиқӣ-драмавии ба номи Т.Фозиловаи шаҳри Конибодом |
| | 17:30 | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ | **“Достони Сиёвуш”** (Аз рӯйи “Шоҳнома) *коргардон Б. Қурбонзода* | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ |
| 21 апрел | 10:00 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М.Турсунзода | **“Заҳҳок”** *коргардон Б.Қурбонзода, М.Ёрова* | Намоиши ғайриконкурсии донишҷӯёни ДДФС ба номи М.Турсунзода |

## РЕЗААХБОР

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба масъулин дастур додааст, ки дар пойтахт Мактаби барномасозӣ бунёд кунанд. Ин супоришро шаҳрдор дар маросими ифтитоҳи бинои "IT-Парк"-и шаҳри Душанбе ироа кард. Гуфта мешавад, барои "харҷи зудтар таҳия кардани лоиҳаи ин мактаб ва бунёди он дар муддати кӯтоҳтарин ба масъулини мақомоти шаҳри Душанбе дастуру супоришҳои мушаххас" дода шудааст.

***

Ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" иҷрои парвозҳои мунтазамро дар хатсайри Душанбе - Красноярск - Душанбе аз сар мегирад. Шурӯъ аз 14-уми апрел парвозҳо ҳар ҳафта рӯзҳои душанбе сурат мегиранд ва мусофирон метавонанд аз ин парвози бароҳат истифода баранд. Парвозҳо дар ин масир тарики ҳавопаймоҳои Boeing 737-800 ва Boeing 737-900 амалӣ гардида, вақти парвоз аз Душанбе 13:30, аз Красноярск 20:50 ба вақти маҳаллӣ муқаррар шудааст.

***

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ қасд дорад, ки дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи касбӣ - техникии идораи шаҳрсозии Тянҷини Чин маркази таълимӣ-истеҳсолии электромобилҳо таъсис диҳад. Ин масъала дар дидори ректори донишгоҳ Давлатзода Қудрат Қамбар бо ҳамтои чинияш баррасӣ шуд.

***

6-уми апрел дар Душанбе дар чаҳорчӯби Анҷумани минтақавии Шӯрои олимпии Осиё (ШОА) миёни кумитаҳои миллии олимпии Тоҷикистон ва Эрон созишномаи дуҷониба дар бораи ҳамкориҳои варзишӣ ба имзо расид. Ин санадро Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Маҳдӣ Алинажод, дабири кулли Кумитаи миллии олимпии Эрон имзо карданд.

Ба иттилои Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, созишнома ба таҳкими равобити дуҷониба ва рушди зарфияти варзишии ҳарду кишвар нигаронида шудааст.

***

Дар доираи баргузории Фестивали гулҳо таҳти унвони «Сайри гули лола» дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба миқдори 5 миллиону 859 ҳазору 25 адад гулҳои лола шинонида шудааст, ки аз нақшаи пешбинишуда зиёд мебошад.

# ЧӢ ТАВР 20 СОМОНӢ БО 63 ҲАЗОР РУБЛ ФУРӮХТА ШУД?

**Дар яке аз масҷидҳои шаҳри Москва 20 сомонии тоҷикӣ бо 63 ҳазор рубли русӣ, ки муодили 752 доллари амрикой аст, фурӯхта шуд ва онро як ҷавони тоҷик харидорӣ кард…**



Русия. Шаҳри Маскав. Яке аз масҷидҳои навбунёд. Пас аз 8 ракаат намози таровеҳ ёрдамчии муллоэмоми масҷид, ки аз ҳарфзаниаш маълум мешавад, ки аз миллати тотор аст, дар даст баландгӯяк як-як бо забони русӣ ҳисобот медиҳад:

"Мо изҳори миннатдорӣ баён менамоем аз он бародароне, ки дар ин рӯзҳои моҳи шарифи Рамазон барои пардохти қарзи масҷид маблағҳои худро дареғ надошта, хайр мекунанд. Ёдовар мешавам, ки маблағи ҷамъоваришуда барои пардохти қарзи бинои масҷид равона мешавад. Барои онҳое, ки хабар надоранд, қайд менамоям, ки ин бино бо маблағи 96 миллион рубл харидорӣ шуда, баҳри ибодати мусулмонони гирду атрофи ин гӯшаи пойтахтамон - шаҳри Маскав равона шудааст. Ин 96 миллион рублро мо яке якбора намедиҳему қисм-қисм аз ҳисоби шумо намозгузорони хайрот мекарда ва аз ҳисоби он соҳибкорони хайрхоҳе, ки барои масҷид хайр мекунанд, медиҳем. Бигузор якчанд сол давом кунад, вале мо онро пардохт хоҳем кард.

Дирӯз, вақте ки мо пулҳои хайрнамудаи шуморо мешумурдем, нохост аз байни онҳо як пули бегонаеро дарёфт намудем. Ин пул 20-сомона буда, аз навиштаи он бармеояд, ки он пули кишвари ба мо дӯст Тоҷикистон мебошад. Мо фаҳмидем, ки кадом бародари тоҷик дар ин ҷо хайр намудааст ва нохост дар байни рублҳояш ин бистсомонаро низ ба сандуқ партофтааст. Ҳеҷ гап не, Аллоҳ хайри ӯро қабул гардонад. Дар рӯи ин бистсомона акси Абӯалӣ ибни Сино аст. Оё касе аз бародарони тоҷик ин ҷо ҳаст, ки бигӯяд Сино кист?".

Аз байни издиҳом чандин нафар паст ё баланд гуфтанд:

- Авиценна.

Ровӣ гуфт:

- Бисёр хуб. Пул низ хеле зебост. Ин бистсомонӣ чӣ қимате дошта бошад?

Касе гуфт:

- Дусад рубл.

Дигарӣ гуфт:

- Дусаду панҷоҳ рубл.

Аммо ровӣ гуфт:

- Биёед қимати ин пулро ҳамин ҷо якҷоя мефаҳмем. Шумо розиед ба ин?

Бисёриҳо бо калла ҷунбондан тасдиқ карданд.

Ровӣ гуфт:

- Канӣ кӣ ин маблағро аз мо бо чӣ қимате мехарад? Пули аз фурӯши он бадастомада ба фонди хайроти масҷид хоҳад рафт.

Яке гуфт, ман дусад рубл мехарам онро. Дигаре гуфт, панҷсад рубл медиҳад. Савумӣ яку якбора ду ҳазор гуфт. Ровӣ чун аукцион "ду ҳазор як, ду..." гуфта, се нагуфта буд, ки яке гуфт, ки ӯ бо панҷ ҳазор рубл мехарад онро. Нафари дигаре даҳ ҳазор рубл гуфт. Хуллас, ин аукцион боло рафтан гирифт ва он бист сомонӣ бо қимати 63 ҳазор рубл (баробар ба 752$) харидорӣ карда шуд. Ҷавони тоҷике 63 ҳазор рубл дода, он бистсомонаро аз дасти ровӣ гирифт, ба ҷайб зад ва ба ҷои худ баргашт. Ровӣ ба ӯ аҳсану офарин гуфту дуои хайр кард ва муллоэмом аз ҷой хеста, гузоридани давоми намози таровеҳро даъват намуд...

**Олим САФОЛОВ,**
**журналист, шаҳри Москва**

# ДАРГУЗАШТИ ДУ АСТРОФИЗИКИ ТОҶИК ДАР ЯК ҲАФТА

**Давоми ҳафтаи равон илми астрофизикаи тоҷик талафоти бузург дид. Ду олими шуҳрати ҷаҳонидошта - Субҳон Ибодов ва Светлана Герасименко аз олам даргузаштанд.**



Доктори илмҳои физика ва математика, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Субҳон Ибодович Ибодов 6-уми апрел аз олам даргузашт.

Номбурда 24-уми январи соли 1944 дар шаҳри Исфара таваллуд шудааст. Хатмкардаи Донишгоҳи ба номи М. В. Ломоносови шаҳри Маскав (1966) мебошад. Солҳои 1966-1969 дар аспирантураи ҳамин донишгоҳ таҳсил кардааст.

Фаъолияти хешро дар Институти физикаю техникаи ба номи С. Умаров оғоз намуда, солҳои тӯлонӣ дар Институти астрофизика фаъолият дошт. Аз соли 2007 ба ҳайси корманди Институти давлатии астрономии ба номи П. К. Штенберги назди Донишгоҳи давлатии Маскав фаъолият мекард.

Субҳон Ибодов муаллифи зиёда аз 120 мақолаи илмӣ, 2 рисола ва узви як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буд, аз ҷумла: Иттиҳоди астрономҳои Русия (аз 1990), Иттиҳоди астрономҳои Аврупо (аз 1990), Кумитаи байналмилалии таҳқиқоти кайҳон (аз 1994), Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо (аз 1997).

8-уми апрел бошад, астрофизики ҷаҳонии тоҷик, кашшофи кометаи 67P/Чурюмов-Герасименко Светлана Ивановна Герасименко низ дар синни 80-солагӣ аз олам даргузашт.

Светлана Ивановна Герасименко 23-юми феврали соли 1945 дар деҳаи Баришевкаи вилояти Киеви Украина таваллуд шудааст. Хатмкардаи факултети астрономияи Донишгоҳи Киев мебошад.

Герасименко баъди хатми донишгоҳ ба зинаи аспирантураи расадхонаи астрономии Академияи фанҳои Украина дохил шуда, моҳи сентябри соли 1969



ӯ ҳамроҳи коркуни расадхонаи астрономии Академияи фанҳои Украина Клим Чурюмов ба экспедитсия ба Алмаато барои мушоҳидаи кометаи 32P/Комас-Сола сафарбар гашт ва ба воситаи телескопи 50см-и онҷо кометаи навро мушоҳида намудааст. Шаби 11 ба 12-уми сентябри соли 1969 ҳангоми мушоҳидаи кометаи 32P/Комас-Сола дар он вақт кометаи дигарро мебинад, ки баъдан онро ба номи кашфкунандагони он, яъне Чурюмов ва Герасименко (кометаи 67P/Чурюмова-Герасименко) номгузорӣ мекунанд.

Герасименко яке аз астрономҳои муваффақи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон буда, кашфкунандаи кометаи 67P/Чурюмова-Герасименко, барандаи лауреати Ҷоизаи давлатии ҷумҳурӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соли 2017 ва узви ҷамъияту созмонҳои байналмилалии астрономҳои ҷаҳон мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки ба номи Светлана Герасименко на танҳо комета, балки астероид (3945) низ, ки дар соли 1982 аз ҷониби Николай Черных кашф шуда буд, номгузорӣ шудааст.

**100 СОЛ ПЕШ…**

# ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН

## Аввалин ҳуҷҷати муносибатҳои расмӣ

**27-уми марти соли 1925 дар шаҳри Бишкек Анҷумани якуми шӯроҳои мардуми қирғиз (қароқирғиз) баргузор гашта, таъсиси давлати имрӯзаи қирғизҳоро бо номи "Вилояти Мухтори Қароқирғизистон" дар ҳайати Русияи Федеративӣ расман эълон намуд.**


СЪЕЗД СОВЕТОВ
РЕВОЛЮЦИОННЫЙ КОМИТЕТ ТАДЖИКСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ОТ ИМЕНИ ВСЕГО ТРУДОВОГО НАРОДА ТАДЖИКИСТАНА ПРИВЕТСТВУЕТ ПЕРВЫЙ СЪЕЗД ТРУДЯЩИХСЯ КАРАГИРГИЗСКОГО НАРОДА ЖЕЛАЕТ УСПЕШНОЙ РАБОТЫ НА БЛАГО ТРУДЯЩИХСЯ СОЖАЛЕЕТ ЧТО ВВИДУ ОТДАЛЕННОСТИ ПРЕБЫВАНИЯ И СТАДИИ ОРГАНИЗАЦИОННЫХ РАБОТ НЕ МОЖЕТ ПРИНЯТЬ НЕПОСРЕДСТВЕННО УЧАСТИЯ НА ИСТОРИЧЕСКОМ ПЕРВОМ СЪЕЗДЕ БРАТСКОЙ НЕЗАВИСИМОЙ КАРАКИРГИЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ДА ЗДРАВСТВУЕТ СОЮЗ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ СОВЕТСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ДА ЗДРАВСТВУЕТ КАРАКИРГИЗСКАЯ НЕЗАВИСИМАЯ СОЦИАЛИСТИЧЕСКАЯ СОВЕТСКАЯ РЕСПУБЛИКА НР....
ЗАМПРЕДРЕВКОМА /ДАДАБАЕВ/
22 Марта 1925 года
Гор. Душамбе

Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳукумати аввалини ҷумҳурӣ), ки ҳамагӣ 7 рӯз пеш, 15-уми марти ҳамон сол таъсиси Тоҷикистонро эълон карда буд, 22-юми марти соли 1925 бо ирсоли Паёми расмӣ аз номи давлат ва мардуми Тоҷикистон таъсиси "давлати мустақили халқи бародари қирғиз"-ро табрик карда, барои давлат ва мардуми ҳамсоя комёбиҳо орзу намудааст ва дар ҳаққи давлати навини онҳо дуои неки "Зинда бод!" фиристодааст.

Ин Паёми шодбошӣ бо тариқи телеграф ба ҷониби Қирғизистон фиристода шуда, дар поёни ҳуҷҷат расидан ва аз он ҷониб қабул шудани он қайд карда шудааст.

Хушбахтона, нусхаи аслии ин Паёми шодбошии роҳбарияти онвақтаи Тоҷикистон (№34, аз 22.03.1925, бо имзои муовини якуми Раиси Шӯрои инқилобии Тоҷикистон Дадабоев) бо ҳама қайду ислоҳу иловаҳои дастӣ то имрӯз маҳфуз мондааст.

Дар баробари аҳамияти илмию таърихӣ, ин ҳуҷҷати нодир нишонгари оғози дӯстонаи муносибатҳои ду давлати ҳамсоя аст, ки инак пас аз 100 сол ба маҷрои табиии хуб бозгашт.

**Абдуллоҳи РАҲНАМО,**
**сиёсатшинос**

*Минбаъд зери ин рубрика маводҳо ва таҳлилҳои амиқи иқтисодӣ ва молиявӣ бо назари коршиносони соҳа пешниҳод карда мешаванд. Мо кӯшиш мекунем, ки барои беҳтар фаҳмидани иқтисод ва маблағгузорӣ ба мардум маслиҳатҳои муфид низ омода созем. Агар шумо савол ё пешниҳоде марбут ба масъалаҳои иқтисодӣ дошта бошед, лутфан тавассути Telegram ё WhatsApp (+992 93 111 08 61) нависед.*



АВИАТСИЯ

# ИМТИЁЗ БА ШИРКАТИ ВАТАНӢ

**Имтиёз ба Ширкати "Сомон Эйр" барои воридоти ду ҳавопаймои "Boeing" тамдид шуд. Ин ширкат то моҳи августи соли 2026 имкон дорад, ки барои воридоти ду ҳавопаймо боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда пардохт накунад.**

Дар асоси қарори Ҳукумати мамлакат, Ширкати ҳавопаймоии "Сомон-Эйр" дар мухлати тамдид, яъне то 30-юми августи соли 2026 барои воридоти муваққатии 2 ҳавопаймои тамғаи "Боинг 737-800" (рақами корхонавиашон 39861 ва 39868) аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда, ки қонунгузории гумрукӣ ҳангоми воридоти муваққатии воситаҳои нақлиёт пешбинӣ менамояд, озод аст.

Қаблан Ширкати "Сомон Эйр" хабар дода буд, ки ҳавопаймоҳои "Boeing 737-800" аз ширкати лизингии "Aviation Capital Group" гирифта мешаванд.

Бояд гуфт, ки соли 2022 дар асоси тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ширкатҳои ҳавопаймоӣ ба муддати 5 сол аз пардохти андоз аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) озод гардиданд.

Дар асоси он то соли 2027 ширкатҳои хориҷӣ ё ғайрирезидентҳое аз андоз озод шудаанд, ки ба ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон чархбол, муҳаррику қисмҳои эҳтиётӣ медиҳанд ё таъмиру хидматрасонӣ мекунанд. Зимнан, ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои ворид намудани сӯзишвории моеъҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ, воридоти худи ҳавопаймову чархбол, муҳаррикҳое, ки бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ ворид мешаванд, андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) намесупоранд.

Имтиёз ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар ҳолест, ки дар Тоҷикистон амалан як ширкати ҳавопаймоии ватанӣ - "Сомон Эйр" фаъолият мекунад. Ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик Эйр" пас аз ба мушкили молӣ печидан, тақрибан фаъолияти назаррас надорад.

Аммо ба назар чунин мерасад, ки имтиёз ба Ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" як тадбири муҳим аст. Ба ин васила кӯшиш ба он равона мегардад, ки барои дастгирии ин ширкат ва рушди авиатсия дар Тоҷикистон шароити беҳтар фароҳам оварда шавад. Ҳамчунин, ин дар паст кардани хароҷоти ширкат ва дастрас кардани ҳавопаймоҳои нав кумак мекунад. Чунин дастгирӣ бояд ба паст кардани арзиши билетҳо низ таъсир расонад. Аммо дар амал тағйироти назаррас дар арзиши чиптаҳо дида намешавад. Вобаста ба мавсим, махсусан ҳангоми сафари муҳоҷирони тоҷик чиптаҳои ҳавопаймо қимат мешаванд. Бинобар ин, бештар шаҳрвандони кишвар масири кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Узбекистонро барои рафтуомад интихоб мекунанд.

ОМОР

# ИҚТИСОДИ ВОҚЕӢ

## аз забони вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода

**Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода мегӯяд, ки дар панҷ соли охир новобаста аз таъсири ду бӯҳрони шадиди глобалӣ ва омилҳои берунӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7% (8,5% бе назардошти соли 2020 - соли паҳншавии пандемияи коронавирус)-ро ташкил дод. Ба гуфтаи вай, ин нишондиҳанда нисбат ба 5 соли қаблӣ (2015-2019) 0,7 (1,5) банди фоизӣ баланд аст.**

Вазир маълумотро дар ҷаласаи ахири вазорат, ки ба рӯзи иктисодчиён бахшида шуда буд, баён намуд. Ҳамчунин, ӯ дар ин ҷаласа гуфт, ки дар соли 2024 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 153,4 млрд сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4% расонида шудааст. Ин асосан аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 20/%, кишоварзӣ 10,6 фоиз, гардиши савдо 13,6%, мусофиркашонӣ 13,4%, хизматрасонии пулакӣ 13%, боркашонӣ 11,5%, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ таъмин гардид.

Завқизода қайд кард, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат дар 5 соли охир 74,3 млрд сомонӣ ё 2 маротиба ва даромади пулии аҳолӣ 99 млрд сомонӣ ё 3 баробар афзоиш ёфт.

Сатҳи таваррум дар соли 2024-ум 3,6%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2023-юм (3,8 фоиз) 0,2 банди фоизӣ кам аст.

"Таваррум дар ин давра асосан аз ҳисоби баландшавии нархи маҳсулоти озуқа 3%, молҳои ғайриозуқа 4% ва хизматрасонӣ 4,8% ташаккул ёфтааст",- қайд кард Завқизода.

Вазири рушди иқтисод ва савдо таъкид кард, ки ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои суръати баланди рушди иқтисодӣ арзёбӣ намудаанд.

Ӯ илова кард, ки ҳадафи олии давлат ва ҳукумат таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаъҳои нави рушд, тараққӣ додани соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, инкишофи неруи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар кардани сатҳи сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад.

БОНКДОРӢ

# ХИЗМАТРАСОНИИ НАВ ДАР АМОНАТБОНК

**Амонатбонк хизматрасонии нав, дастрас намудани барномаи зиддивирусиро роҳандозӣ намуд.**

Ҳадаф ҳифз ва бехатарии барномаи мобилии "Амонат-мобайл" ва маълумоти шахсии телефони мобилӣ аз каллобон ва вирусҳои гуногун аст.




МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# АЗ ДАРОМАД ТО ХАРОҶОТ

## Чӣ гуна бояд танзим кард?

**Ба нақша гирифтани хароҷот калиди асосии расидан ба мустақилияти молиявӣ аст. Дуруст ба нақша гирифтани хароҷот на танҳо барои назорат кардани маблағҳо, балки барои расидан ба ҳадафҳои молиявӣ низ мусоидат мекунад. Бинобар ин, хароҷотро аз имрӯз ба нақша гиред. Барои ин, чанд принсипи муҳим вуҷуд дорад, ки дар ин роҳ барои пешравӣ кумак мекунанд.**

- Манбаи даромад. Агар шумо як манбаи даромад доред, онро таҳлил кунед ва бубинед, ки чӣ қадар пул ҳар моҳ ё солона ворид мешавад. Аз рӯйи он хароҷотро танзим намоеду ба нақша гиред.
- Хароҷоти муҳим. Он хароҷотест, ки ҳар моҳ бояд пардохт шавад ва барои ҳаёт муҳиманд, ба монанди иҷора, хизматрасониҳои коммуналӣ, хӯрок, нақлиёт ва ғайра.
- Нақшаи хароҷот ва ташкили буҷаи моҳона. Пеш аз ҳама, таҳлил кунед, ки даромадҳоятон чӣ гуна барои хароҷот мерасанд. Агар хароҷоти шумо зиёда аз даромад бошад, кӯшиш кунед, ки баъзе хароҷотро коҳиш диҳед. Таснифи хароҷот чунин аст: бо истифода аз методҳои "50/30/20" (50% барои зарурати ҳаррӯза, 30% барои ҳаққи пардохти хизматрасониҳои давлатию ҷамъиятӣ ва 20% барои пасандоз ё сармоягузорӣ) ё дигар стратегияҳо, ки барои назорати маблағҳо ва таъмини равиши молиявӣ муҳиманд.
- Пасандоз ва сармоягузорӣ. Ин нигоҳ доштани маблағ барои ҳолатҳои ногаҳонӣ ё зарурати махсус истифода мешавад. Кӯшиш кунед, ки як миқдори муайяни пулро ҳар моҳ пасандоз кунед.
- Сармоягузорӣ барои рушди молиявӣ. Пас аз пасандоз намудани маблағ, дар бораи чӣ гуна зиёд шудани он фикр кунед. Хариди амвол, тиҷоратҳои хурд ё нигоҳ доштан дар бонк.
- Идоракунии қарз. Агар шумо қарз доред, як нақшаи қатъии бартараф кардани онро тартиб диҳед. Барои мисол, аввал қарзҳои бо фоизи баландро бартараф кунед, то ки сарфи зиёдатии пул барои пардохтҳои фоизӣ кам шавад.
- Назорат ва таҳлил. Ҳар моҳ ё ҳар чор моҳ хароҷот ва даромадҳоро таҳлил кунед.
- Таҳлили натиҷаҳо. Агар ба ҳадафҳои молиявии худ наздик намешавед, шояд дар равиши кору зиндагии худ тағйирот ворид кунед. Миқдори пасандозҳо, фоизҳои сармоягузорӣ, ё тарзи хароҷот ва маърифати молиявӣ бояд барои ба мақсад расидан мувофиқ бошанд.

*Дар маҷмӯъ, барои расидан ба мустақилияти молиявӣ, муҳим аст, ки шумо барномаи дақиқ ва таъсирбахш барои нақшаи хароҷот дошта бошед. Ҳар як қадаме, ки хароҷот мекунед, бояд дар оянда ба манфиат бошад, на ба зиён.*




**Профессор Абдуллозода Сабур Фузайл яке аз мутахассисони шинохтаи соҳаи физикаи атмосфера ва тағйирёбии иқлим аст, ки дар миқёси ИДМ ва ҷаҳон эътироф ва шинохта гардидааст. Банда бо як масъулияти баланд ният кардам, ки андешаҳои хешро нисбати эшон рӯйи коғаз оварам…**

# ПАЖӮҲИШГАРИ ТАВОНОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

### ДАВРАИ ДОНИШҶӮЙ

Мо, ҳамкурсон аз соли 1975 то соли 1980 дар хобгоҳи факултети физикаи ДДТ ба номи В. И. Ленин (холо ДМТ), ки дар шаҳрчаи чавонон, дар кӯчаи ба номи Жданов, бинои 48/4 ҷойгир буд, давраи беҳтарини чавонӣ - донишҷӯиамонро гузаронидаем. Ҳар рӯз аз соати 8 то 16 дар факултет дарсҳои назариявию семинарҳо ва машғулиятҳои лабораторӣ буд, ки дар он хамаи донишҷӯён фаъолона иштирок мекарданд.

Аз моҳҳои аввали хониш Сабур худро ҳамчун ҷавони босаводу хушзеҳн, болаёқат нишон дод. Бо ҳамкурсон самимона ва вафодорона муносибат дошт, дар чорабиниҳои факултет ва хобгоҳ фаъолона иштирок мекард, рафиқони наздикаш аз тамоми минтақаҳои кишвар буданд.

Бояд қайд намоям, ки мо хатмкунандагони соли 1980-уми ДМТ-ро то ҳоло дар факултети физика ҳамчун беҳтарин хатмкунандагон ном мегиранд, чунки дар байни ҳамкурсон аълохонҳо, ки дар оянда сафи олимони физикаю математикаро афзун намуданд, бисёр буданд.

Сабур дар баробари олимони оянда кишвар профессорон Холмуродов Холмирзо, Нуруллоев Муродилло (ёдашон ба хайр), Норматов Иномҷон, ситорашиносон - номзадони илм Махмудҷон Ғуломов (ёдашон ба хайр), Миникулов Насриддин ва дигарон, ки қариб 30 нафар номзадҳои илмҳои физикаю математика шуданд, мунтазам дар конференсияҳои илмии донишҷӯён донишгоҳ баромадҳо мекард, аз имтиҳонҳо фақат баҳои аъло мегирифт.

Ин дӯсти хоксору донои мо соли 1980 факултети номбурдаро бо дипломи аъло хатм намуд ва кобилиятҳояшро ба назар гирифта, ӯро барои кор ба Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умарови Академияи илмҳо равон намуданд.

### ДАВРАИ НАВРАСӢ ВА МАКТАБХОНӢ

Абдуллоев Сабур Фузайлович 1-уми июни соли 1959 дар деҳаи Яккабоғи шаҳри Истаравшани вилояти Суғд таваллуд шудааст. Вай аз хурдсолӣ ба хондан шавку ҳаваси зиёд дошт, дар синни 6-солагӣ китоби Алифборо озодона мехонд, бинобар ҳамин, вайро дар шашсолагиаш барои таълим гирифтан ба мактаби миёнаи №20-и шаҳри Истаравшан burданд.

Талабот он вакт, қабул ба мактаб синни ҳафтсола буд, аммо кобилияти Сабур, хондану ҳисоб карда тавонистанашро ба назар гирифта, комиссияи мактабӣ баъди санчиш, ба таври истисно барои қабули вай ба синфи якум иҷозат дод. Дар давраи таҳсил Сабур борҳо дар олимпиадаҳои шаҳрию вилоятӣ аз фанҳои физика ва математика иштирок намуда, ҷойҳои сазоворро ишғол намудааст.

Баъди бомуваффакият хатм намудани мактаби номбурда, Сабур имтиҳонҳои дохилшавии факултети физикаи ДДТ-ро бо баҳои хубу аъло супорид ва дар қатори дигар ҳамкурсон мо якчоя 5 соли донишҷӯиро аз сар гузаронидем...

Соли 1982 Абдуллозода С. Ф. барои хизмат дар сафҳои Артиши Шӯравӣ даъват карда шуд, дар муддати 2 сол дар кафедраи харбии Курсҳои Олии ВКД ИҶШС (СССР) ба ҳайси ёрдамчии муаллими фанҳои махсуси ҳарбӣ барои омода намудани шаҳрвандони хориҷӣ хизмат кардааст.

### ДАВРАИ ФАЪОЛИЯТ ВА ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ИЛМӢ

Соли 1984 дар Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров гурӯҳи “Оптикаи атмосфера” дар ҳайати лабораторияи Гелиотехника ташкил карда шуда буд. Сабур баъди адои хизмат ба Ватан баргашта, дар Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров дар лабораторияи физикаи акустикӣ, физикаи лазерҳо ва баъдан дар лабораторияи физикаи атмосфераи ҳамин институт фаъолияти худро дар вазифаҳои муҳандиси калон, ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ давом додааст.

Соли 1986 бо кӯшишҳои зиёди олими шинохта Абдуҳаким Ҳамроевич Шукуров (ёдашон ба хайр) ва дастгирии академикҳо Обухов А. М., Зуев В. Е., Марчук Г. И., Голисин Г. С. ва фарзандони фарзонаи миллат - академикҳо Осимӣ М. С. ва Адҳамов А. А. гурӯҳи “Оптикаи атмосфера” ба лабораторияи Физикаи атмосфера табдил дода мешавад, ки роҳбарии онро олими ҷавон Бахром Назаров то соли 1994 ба уҳда доштанд.

Дар заминаи Барномаи Созмони Милали Муттаҳид нисбати тағйирёбии иқлим ва шартномаи байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА оид ба ҳифзи муҳити зист бо нақшаи гурӯҳи кории “Моделсозии иқлим, сели радиатсия ва абрҳо” дар Тоҷикистон экспедитсияи якҷояи Шӯравӣ-Амрикоӣ оид ба омӯзиши чангу ғубори Осиёи Миёна, моҳи сентябри соли 1989 ташкил карда шуд, ки дар он 9 нафар олимони Амрико, як нафар олими Фаронса (Донишгоҳи Париж) ва зиёда аз 40 нафар олимони Иттиҳоди Шӯравӣ аз шаҳрҳои Москва, Ленинград, Томск ва Душанбе иштирок намуданд. Мақсади ин экспедитсия омӯзиши манбаи бухрони чангу ғубор, хусусиятҳои оптикӣ, микрофизикӣ, кимиёвӣ ва таъсири он ба иқлими минтақа буд. Натиҷаҳои тадқиқот ба шакли китоби алоҳида ба забонҳои русӣ ва англисӣ дар ш. Санкт-Петербург ба чоп расидааст.

Ин тадқиқот як такони азиме дар рушди тадқиқотҳои лабораторияи Физикаи атмосфера гардид, зеро баъди ин натиҷаҳои баланди тадқиқоти илмии олимони тоҷик ба лаборатория таҷҳизоти беҳтарини омӯзишӣ, аз ҷумла расади офтобӣ, спектрометрҳо, монохроматорҳои истеҳсоли ватанию хориҷӣ ворид гардиданд. Акнун лаборатория омӯзиши аэрозоли атмосфераро дар соҳаи дарозии мавҷҳои 0,25-25 микрон бо истифода аз таҷҳизоти замонавӣ ба роҳ монда буд. Вале афсӯс, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон, солҳои 1991-1997 ҳамаи таҷҳизоти лаборотория аз тарафи нохалафон харобу ғорат карда шуданд.

Хизмати бузурги бародари ватандӯсти мо Абдуллозода С. Ф. дар он аст, ки бо дастгирии хаматарафаи роҳбарони онвақтаи Академияи илмҳо ва институти номбурда таҷҳизотро ба як дараҷае барқарор карданд ва дар ин самт фаъолияти илмиро давом доданд.

Абдуллозода С. Ф. солҳои 1990-1991 барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбӣ дар Маркази байналмилалии лазерии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов таҳсил кардааст.

Абдуллозода С. Ф. соли 1994 рисолаи номзадии фанҳои физика ва математикаро аз рӯи ихтисоси “04.00.22 - геофизика” дар Шӯрои махсуси К.003.18.01 Институти физикаи атмосфераи Академияи илмҳои Россия дар мавзӯи “Таҳқиқоти таҷрибавии хусусиятҳои оптикӣ ва микрофизикии аэрозолҳои чангу ғубор дар минтақаҳои хушки Тоҷикистон” дар шаҳри Москва ҳимоя намудааст.

Вай соли 1994 ба ҳайси мудири лабораторияи физикаи атмосфераи Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умарови Академияи илмҳои ҶТ интихоб шуда, то ҳоло дар ин вазифа пурмасъулиятона кор карда истодааст.

### ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Номбурда соли 2009 лоиҳаеро оид ба омӯзиши чангу ғубор - барномаи “Таҳқиқоти таъсири чангу ғубори муҳити зист, ки дар натиҷаи бухрони чангӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим ба вучуд омадааст“ ба Маркази байналмилалии илми техникӣ пешниход намуда буд, ки он бо дастгирии олимони Амрико (НАСА), Фаронса (Донишгоҳи Лилла) ва Португалия (Донишгоҳи Евора) аз тарафи Созмони Аврупо маблағгузорӣ гардид. Дар ин лоиҳа зиёда аз 25 нафар кормандони Академия ва лаборатория ба муддати 3 сол ба корҳои илмӣ ҷалб карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

# ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ПАРИЖ



*Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани Рӯдакӣ дар Париж,
узви ҳайати мушовараи ҳафтномаи “Тоҷикистон”*




**Ҷашни Наврӯзи соли 2025 дар Париж бо аҳамияти бисёре тавассути чандин анҷумани фарҳангӣ таҷлил гардид. Аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо барномаҳое буд, ки кишвари Тоҷикистон мубтакири он будааст ва ё ҳамкорӣ кардааст.**





Нахустин ҷашни бошукӯҳ, ки дар он беш аз 14 кишвари ҷаҳон ширкат карданд, барномаи Наврӯзии ЮНЕСКО буд, ки бегоҳи 18-уми март баргузор шуд. Ёдовар мешавем, ки созмони ЮНЕСКО соли 2009 ҷашни Наврӯзро дар ганҷинаи худ ворид намуда, онро ҷаҳонӣ эълом кард.

Дар толори бузурги ЮНЕСКО кишварҳои Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркия, Ироқ, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Покистон ва Туркманистон ширкат карданд. Дар ин барнома ҳар кишвар мизи Наврӯзии худро бо корҳои ҳунарӣ ва хӯрокҳои суннатӣ оро дода, пешкаши меҳмонон карданд. Дар бахше аз ин барнома ҳунармандони ин кишварҳо бо мусиқии суннатии худ низ ҳунарнамоӣ карданд.

Намояндагии Тоҷикистон бо сарварии ҷаноби Дилшод Раҳимӣ низ мизи вежаи Тоҷикистонро ба гунаи бисёр зебо ба намоиш гузошта буданд.

Барномаи бисёр зебое, ки ба муносибати ҷашни Наврӯз бо кӯшиши Сафири Тоҷикистон дар Фаранса, ҷаноби Ҷамолиддин Убайдуллоҳ ва ҳамкорони эшон тавассути ҳунармандон тоҷик анҷом шуд, хотирмон буд.

Барномаи балети тоҷик аз ҷониби ҳунармандони Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе бо роҳбарии ҷаноби Камолиддин Сайфиддинзода дар яке аз зеботарин театрҳои Париж - "Théâtre du Gymnase Marie-Bell" 26-уми март пешкаши тамошобин шуд. Ин барномаи ҳунарӣ бо ширкати 32 ҳунарманд дар панҷ бахш иҷро гардид. Балети тоҷикро тамошобинони фаронсавӣ бисёр хуш истиқбол карданд ва борҳо эҳсоси кадрдонии худро бо каф задан нишон медоданд.



Аз ҷумлаи ҷашнҳои бошукӯҳи Наврӯзӣ дар Париж, барномаи анҷумани "Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз" буд, ки имсол понздаҳумин барномаи Наврӯзии худро дар толори шаҳрдории Париж рӯзи якшанбе, 30-юми март баргузор кард. Дар ин барнома, ки шомили 23 бахш буд, аз кишварҳои гуногун - Эрон, Фаронса, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Афғонистон ва ҳунармандони уйғурӣ ва курдӣ, ки дар Париж зиндагӣ мекунанд, иштирок намуданд. Дар ин ҷашнвора фарҳанги чандин кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ба гунаи бисёр зебо бо намоиши либосу таомҳои миллӣ ва мусиқиву рақси кишварҳои номбурда, мавриди таваҷҷуҳи сокинони Фаронса қарор гирифт.

Дар умум, ҷашни Наврӯз дар Фаронса бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил шуд ва фарҳанги ориёиро бори дигар дар қалби Аврупо ба намоиш гузошт.



# МАСТОНИ СУХАНВАР

## ба ифтихори 90-солагии шоир



Карим МЎСО, нависанда

### ЗАҲРРО ЧУН ШАҲД БОЯД ХЎРД ДАР КОРИ СУХАН…

Аввалин чакидаҳои шоири шўрида Мастон Шералӣ охири солҳои панҷоҳуми садаи бист дар матбуоти ҷумҳурӣ чоп шудаанд. Нахустин маҷмўаи шеърҳои ў соли 1964 таҳти унвони «Мавҷҳои Зарафшон» нашр шуд, ки писанди алоқамандони каломи бадеъ гардид. Ў аз рўзи нахустини қалам ба даст гирифтан хуб дарк карда буд, ки «шеъру шоирӣ табъи худонодода нест» ва то ба охир паймудани ин роҳ «кори ҳар афтода нест».

*Гарчи шеъру шоирӣ табъи*
*худонодода нест,*
*Лек ин ҷавҳар насиби*
*шоирони сода нест.*
*Захрро чун шаҳд бояд хўрд*
*дар кори сухан,*
*Ҳар балое мевазад бар мо,*
*ба ҷуз шаббода нест…*

Воқеан ҳам Мастон дар шеъру шоирӣ ҷодаи ҳамворро намеписандид. Ў дар яке аз нахустин шеърҳояш боифтихор гуфта буд, ки ба роҳи тайшуда ҳаргиз гом нахоҳад зад:

*Ман аз ин рўз ба иқлими*
*суханпардозӣ*
*Зи раҳи тайшуда ҳаргиз*
*наравам,*
*Думрави роҳкушое нашавам,*
*Сафар аз роҳи дигар бинмоям.*

Устод Мастон айёме ба арсаи адабиёт омад, ки пургўӣ мураввар буд. Ва ў яке аз аввалинҳо буд, ки ба шеъри тоҷик рангу бўи тоза овард ва ҳамқаламонро даъват кард, ки аз навои кўҳна ор кунанд:

*Шоиро, чашмони сар охир*
*фиребат медиҳанд,*
*Чашми дилро боз кун,*
*Бо навои хуфтае, к-он*
*ҳаст дар сози ҳаёт,*
*Сози худ анбоз кун,*
*Нағмаҳои хуфтаро бедор кун,*
*Аз навои кўҳна андак ор кун,*
*Нағмаи навро ба қалби*
*мардум аксандоз кун…*

Воқеан ҳам устод Мастон дар ҷодаи шоирӣ сабку услуби хоссаи хешро пайдо кард. Ба ин гуфтаҳо кулли маҷмўаи шеърҳои ў - «Илҳом», «Реша дар об», «Ситораҳо», «Ташна», «Суруди роҳ», «Ихлос» ва ғайра гувоҳанд. Мастон сарофо дард буд, шеър буд ва дар эҷоди «зоти парӣ» - шеър ҳамто надошт. Шеър чун чашмаи чўшон аз қаъри дили ў фаввора мезад:

*Эй арўси шеър, эй зоти парӣ,*
*Духтари моми суханҳои дарӣ,*
*Ошиқам, дилдодаи рўи туам,*
*Дар дами шамшери абрўи туам.*

*Сар занӣ, инак, сару савдои ман,*
*Дар раҳат ҳаргиз нагечад пои ман.*
*Аз вафо байту баёзат оварам,*
*То куҷо нозӣ, ниёзат оварам…*

*Ошиқам, аз ошиқон кам нестам,*
*Фориғ аз ёди ту як дам нестам...*
*Рў матоб аз ман, ки шоирпешаам,*
*Ҷуз ту нақше нест дар андешаам.*

*Ҳарчи дорам ё ки ҳарчи доштам,*
*Ҳарчи дар як умри худ анбоштам,*
*Ҷазбаи меҳри худододи ту буд,*
*Давлатам дар ин ҷаҳон ёди ту буд.*

«... Вай, (Мастон)- нигоштааст адиби эронӣ Алиризо Қазва,- дар колабҳои мухталиф ва дар тўли се даҳа (даҳаи 50 то 80-и мелодӣ) дар шеъри Тоҷикистон хуш дурахшид. Аз дубайтисароёни хуби тоҷик ба ҳисоб меояд, бахусус бо ин дубайтии зебояш ва ба ёд мондани, ки ҳарфи дили ҷамоати мо низ ҳаст:

*Дилам сармояи дарду алам шуд,*
*Кичанде бекалам «соҳибқалам» шуд.*
*Киро гўям? Кадомин дар бикўбам?*
*Сафи шоир фузуду шеър кам шуд!".*

Мастон Шералӣ дар соҳаи драматургия низ қувва озмудааст. Намоишномаҳои «Зол ва Рудоба», «Зебунисо» ба қалами ў тааллуқ доранд.

Ҳамчунин ў мутарҷими варзида буд. Маҷмўаи шеърҳои «Суруди авул»-и Расул Ҳамзатов, «Паёми»-и Олим Кешоков, «Тавлиди сухан»-и Давид Кугултинов, бархе аз шеъру достонҳои Пушкин, Ҳайне, Лорка, Пабло Неруда, Межелайтис, Евтушенко ва ғайра бо кўшиши ў тарҷума шудаанд...

### АДИБОН ДАР НЕКНОТ

Бо устод Мастон решапайвандӣ дошта бошам ҳам, дар суҳбаташон кам нишастаам. Чаро ки эшон дар синну сол аз мо калон буданд. Бо вуҷуди ин, пас аз нимаи дуюми солҳои ҳафтодум, ки дар идораи рўзномаи «Маориф ва маданият» ифои вазифа доштам, устод гоҳ - гоҳ шеърҳояшонро меоварданд ва ба ин баҳона вомехўрдем. Ниҳоят хушсухан ва софу беолоиш буданд. Табассум ҳамеша дар лабонашон гул мекард. Беозор буданд, вале озори бисёр диданд, ки дар ин маврид пасонтар ҳарф мезанем...

Тирамоҳи соли 1980 дар рухсатӣ будам. Бародари шодравонам Мукаммил, ки дар деҳа омўзгор буд, хабар дод, ки имрўз дар мактаб воҳўрии хонандагон бо адибон Убайд Раҷаб, Мастон



Шералӣ, Саидалӣ Маъмур ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ баргузор мегардад.

Дар воҳўрӣ на танҳо омўзгорону хонандагон, балки пирони деҳаи Некнот ҳам ширкат доштанд. Вақте хонандае шеъри устод Мастонро қироат кард, бо лабони пур аз табассум гуфтанд:

- Ману акои Убайдулло ҳар вақт, ки хоҳед, мебиёем, баъд шеърҳои моро мехонед. Ҳоло аз ашъори меҳмонҳо хонед.

Хайрият, ки хонандагон пешакӣ омодагии хуб гирифта будаанд. Аз ин рў ба навбат шеърҳои зиёде аз Саидалию Шоҳмузаффарро қироат карданд, ки табъи меҳмонон болида гардид.

Бегоҳии ҳамон рўз бародари Убайд Раҷаб - Одинаи Раҷаб (рўҳаш шод бод) ба ифтихори меҳмонон зиёфат орост. Ба ростӣ, базми оншабаи шеъру тарона дар хонаи Одинаи Раҷаб, ки дар бағали шаххои сурх ҷой гирифтааст, то ба ҳол чун навори кино пеши назарам ҷилвагар аст. Шоирон ба навбат шеър мехонданду базлагўӣ мекарданд. Гумон мекардӣ, ки ҳама аҳли адаби Тоҷикистон аз шаҳристон ба кўҳистон кўч бастаанд. Ва гули сари сабади базми оншаба устод Мастон буд. Ў гоҳ аз хоҷа Ҳофиз мехонду гоҳ аз Мирзо Бедил. Аз ҳамқаламон низ тақозо мекард, ки ё аз гузаштагон шеър хонанд ва ё аз халқ. Чаро ки,- мегуфт устод,- шеъри мо ба дарди ҳеҷ кас намехўрад...

### РАҲТЎШАИ ШОИР

Устод Мастон зодаи деҳаи Зери Ҳисори шаҳри Панҷакент аст. Пас аз марги нобаҳангом ҳамдиёрон ҳамчун рамзи эҳтиром дар мактаби деҳа, ки номи ўро дорад, нимпайкараашро гузоштанд. Ба ин муносибат дар маркази деҳа тантанаи бошукўҳ баргузор гардид. Агар гўям, ки зериҳисориён дар тўли таърихи мавҷудияти деҳаашон то ба ин дам чунин тантанаи бошукўҳро ёд надоранд, иштибоҳе намешавад. Чаро ки дар ин тантана меҳмонони ниҳоят зиёд аз ҷумҳурӣ ва ҳатто хориҷ аз он ширкат доштанд. Ин тантана, ки баҳори соли 1991 баргузор гардид, ба ҷашни шастсолагии зодрўзи шодравон Файзулло Ансорӣ рост омад.

Воқеан ҳам он солҳо сухан қадр дошт ва меҳмонон ҳам ба хотири сухани волои устод Мастон ба ин деҳаи кўчак, ки дар дили кўҳҳои осмонбўс ҷойгир аст, ташриф оварда буданд.

Дар ин тантанаи бошукўҳ олимону адибони зиёде, аз ҷумла аллома Аълохон Афсаҳзод ва шоираи хушзавқу ширинбаён Мавҷуда Ҳакимова ширкат доштанд, ки имрўз миёни мо нестанд. Аълохон Афсаҳзод бо устод Мастон ҳамсолу ҳамсинф ва дар мактаби олӣ шарикдарс буд. Вақте бо ў ҳамсуҳбат шудам, дастонашро ба сўи хонаи амаки Шералӣ (падари устод Мастон) бардошта, бо ҳасрат гуфт:

- Ин ҷо ҷойи бучулбозию ланкабозии ману Мастон буд. Пас аз хатми мактаби деҳа ҳардуямон ҳуҷҷатҳоямонро ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супурдем. Вале, Мастон қабул нашуд. Як сол сомеъ буд. Он солҳо зиндагӣ вазнин буд. Вале, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Мастон имтиҳонҳоро бо баҳои хубу аъло супурда, донишҷў шуд. Вай як инсони наҷиб, покдилу ростандеш буд. Мастон барои шеър гуфтан офарида шуда буд. Бо вуҷуди умри кўтоҳ ва зиндагии наҷандон дароз ў ба халқу адабиёт хизматҳои арзандае кард...

Шоираи хушзавқи тоҷик зиндаёд Мавҷуда Ҳакимова бисёр самимӣ ҳарф зад, ки сабти овози ў то ба ҳанўз дар дасти нигорандаи ин сутур маҳфуз аст.

- Ман,- гуфт ў,- боре бо Мастон Шералӣ ба Сибир сафар кардам. Он вақт сохтмони БАМ нав оғоз шуда буд ва аз ҷумҳурии мо низ дар ин сохтмон ҷавонони зиёде кор мекарданд. Рўзе Мастон пешниҳод кард, ки - Мавҷудахон, биёед равем аз ҳаёти ҷавононе, ки аз Тоҷикистон рафта, дар он диёри дур хизмат мекунанд, бо ҳаёти онҳо аз наздик шинос шавем, шояд ягон чизе ҳам нависем. Ва мо бо рохсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чанд муддат дар БАМ будем.

Шахсе, ки агар як бор бо Мастон ҳамсафар шуда бошад, мефаҳмад, ки ў чӣ гуна одам буд. Агар гўям, ки дар сафар Мастон маро аз хоҳари калониаш ҳам зиёдтар эҳтиёту эҳтиром кард, иштибоҳе намешавад, дили ў мисли сараш сафед буд...

Воқеан ҳам устод Мастон баъд аз сафари БАМ бо номи «Раҳтўша» як силсила шеърҳои хуб эҷод кард. Аз ин силсила шеърест бо номи «Рўди Таюра», ки устод ба «М. Ҳ.» бахшидааст. Гумон мекунам, ки ин «М. Ҳ.» шоираи ширингуфтору ширинкамоил Мавҷуда Ҳакимова аст:

*Чу симоб аз канори бешазорон*
*Ба оҳанге ҳалим ҷорист, ҷорӣ...*
*Ба соҳил духтари тоҷик танҳост,*
*Ба дарё дўхта чашми хуморӣ...*

*Ниҳоли қомати ў дар бари рўд*
*Хаёлам аз ҳамин ҷо реша дорад.*
*Чӣ гўям ман зи дасти нақшперош,*
*«Фалак аз дасти зан*
*андеша дорад»...*

**(Давомаш дар шумораи оянда)**



### БА ТАВАҶҶУҲИ САРДОРИ РАЁСАТИ БДА-И ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶТ, ГЕНЕРАЛ-МАЙОРИ МИЛИТСИЯ РУСТАМ МИРЗОМУРОДЗОДА

# АГАР ШУМО БА ҶОЙИ МАН МЕБУДЕД...



... Кӯчаи Айнии шаҳри Душанбе. Соат 3:40-и бегоҳ. Ҷавҳар бо ҳамсараш пас аз харид (дар арафаи иди Рамазон) аз самти фурӯшгоҳи “Садбарг” ба тарафи хонааш (километри ҳафтум) равон буданд. Роҳ боз ва дар чорроҳаи маъруф ба “Чулочка” чароғаки роҳнамо сабз буд ва то сурх шудани он тақрибан бист сонияи дигар монда буд. Ин вақт сиёҳие бо зарб аз паҳлу ба мошини ӯ зад ва ҳамон замон пуфаки бехатарӣ (аэробак) ба кор даромаду ӯро ба нишастгоҳ часпонд ва ин сабаби зинда мондани ӯ шуд. Минбаъд, мошин сахт ба сутуни оҳанини канори роҳ бархӯрд. Ӯ коре карда, пас аз чанд сония ба худ омаду бо манаҳи хуншор худро аз мошин берун гирифт. Ба нишастгоҳи қафо, ки дар он ҷо ҳамсараш буд, нигоҳ кард. Дид, ки аз лабу даҳони занаш хун мешораду пойҳояш ба ӯ итоат намекунанд. Дар чанд дақиқа одамони зиёде атрофи онҳоро печонида гирифтанд ва марди хайрхоҳе, ки дар мағозаи шафат кор мекард, кумак карда, пои занро барои ист кардани хун бо тасма басту ӯро ба мошини “Ёрии таъҷилӣ” савор карда фиристод. Пас аз чанд дақиқа худи ронандаро низ барои расонидани кумаки аввалия ба он ҷо бурданд. “Сиёҳие”, ки онҳоро ба ин аҳвол расонд, мошини рақами давлатиаш 2383ST01 буд, ки сари чамбараки он бону В. менишаст ва ӯ сиҳату саломат дар байни роҳ нишаста, бо ду даст сарашро медошт ва ҳар замон такрор мекард: “Больше не буду сидет за рулём”...

... Ин сатрҳоро муаллиф пас аз садамаи дар боло тасвиршуда бо алам менависад. Зеро келинаш бо ду пои корношоям ва ҷоғи дарида дар ҷойгаҳ хоб аст. Писараш бо дарди қафаси сина ду ҳафта боз азоб мекашаду кор карда наметавонад ва аламовараш боз дар он аст, ки мошине, ки онҳо савора буданду корношоям шуд, кироя буд...

Пас аз ин ҳодиса ҳар замон онҳоро тасаллӣ медодам, ки “хайрият, ки зинда мондед ва ба касе ҳам зарар нарасондед, қонун ҳаст ва ҳатман гунаҳгор муайян мешаваду қонундонҳо барои одилона ҳал шудани ин масъала кумак мерасонанд...”. Вале ҳайҳот...

... Дар назди муфаттиши БДА-и шаҳр нишастаам. Капитан Манучеҳр Розиқзода ба саволи он ки дар ин садама кӣ гунаҳгор аст, ҷавоб дод, ки ба ақидаи ман, бояд муросо кунанд. Ҳайрон шудам, ки ӯ навори “Шаҳри бехатар”-ро надида, чӣ гуна ин хел хулосабарорӣ кардааст? Ӯ ба дархости ман дар мавриди нишон доданӣ лаҳзаи садама гуфт, ки ҳоло ҳамин ҷо истед, ман онро пурсида гирифта ба шумо нишон медиҳам ва ман ҳам босаброна интизор шудам. Ҳайрон шудам, ки наход аз садама ду рӯз сипарӣ шуда бошаду муфаттиш то ҳол онро надидааст? Агар дида бошаду дар дасташ дорад, пас чаро онро дубора мепурсад? Ӯ бо телефони дастиаш хомӯшона чизе менавишту бо касе дар мукотиба буд. Баъдан, ба гуфти худаш бо нафаре садои телефонро баланд карда, пурсид: “Акаи фалонӣ, ду дақиқа вақт ҷудо карда, наворҳои фиристодаи маро бинеду хулосаатонро ба ман гӯед”. Пас аз чанд дақиқа “акаи фалонӣ” занг зад ва ин бор муфаттиш садои онро паст карда, танҳо худаш хулосаи ӯро мешунид. Баъдан ба мо гуфт, ки ин кас “эксперти №1-и Тоҷикистон” аз Вазорати адлия мебошанд. Ҳайрон шудам, ки наход худи ВКД эксперт надошта бошад?

Ниҳоят, ӯ гуфт, ки метавонад наворро танҳо тариқи телефон ба мо нишон диҳад ва дар навор он чизе, ки Ҷавҳар ба мо гуфт, тасдиқи худро ёфт. Дар чорроҳа, дар байни роҳ ду мошин, аз онҳо бону В. ва аз паси ӯ таксии сабзе меистод, ки дар рӯ ба рӯяшон чароғак сурх буд. Таксӣ чун дид, ки В. аз ҷояш ҷунбидан намехоҳад, “манёвр” карда, аз паҳлуи ӯ гузашт ва пас аз ин В. низ газ доду ба пеш ҳаракат кард ва... ба паҳлуи мошини Ҷавҳар, ки аз чароғаки сабз мегузашт, бархӯрд. Дар натиҷа, мошини зарбхӯрда аз роҳ баромада, ба сутуни сари роҳ зад...

Вақте ки сари ин масъала, ки В. аввалан бояд медид, ки роҳ боз аст ё не ва ё дид, ки нашуд, бояд “аварийкаашро” (агар ҷои гирон карданашро донад, зеро дар давоми чанд моҳи охир “Шаҳри бехатар” зиёда аз 58 қоидавайронкунии ӯро сабт кардааст ва чунин ронандагон хатар ба худу дигарон доранд) гирон карда, интизор мешуд, сонияҳ, чун чароғаки рӯ ба рӯ сурх буд, бояд “сабзҳоро” роҳ медоду баъд мегузашт, бо муфаттиш, баҳс доштем, ӯ аз кучое як варақро дар компютер нишон дода, мегуфт, ки бояд сабз истаду сурх гузарад. Ман, ки то синни ҳафтодсолагиам қариб чил сол боз дар паси чамбарак хастам, бори аввал фаҳмидам, ки сабз бояд истаду сурх гузарад?! Маълум буд, ки ӯ мисли садҳо садамае, ки дар Русия ҳамеша бо “айби” муҳоҷирони тоҷик рух медиҳанд, ҷонибдори он аст, ки гуноҳи нокардаро ба сари ҷабрдида, яъне Ҷавҳар бор кунад...

Мехостам, шарҳ диҳед, ки чунин “қонун” дар куҷо қабул шудааст ва агар аз рӯйи он амал кунем, пас бояд нисфи ронандагони дунё бе он, ки дар чорроҳа наистода мегузаранд, бояд ҷавобгар шаванд.

Рӯзи дигар хостам нусхаи наворҳоро аз ВКД гирам ва ба он ҷо рафтам, аммо дар он ҷо гуфтанд, ки барои дидани он наворҳо бояд аввал иҷозати муфаттиш гирифта шавад. Бозпас ба назди муфаттиш, яъне ба Маркази БДА-и шаҳрӣ, ба Автовокзал омадем, аммо он кас гуфтанд, ки барои гирифтани нусхаи навор бояд ба БДА-и ҷумҳуриявӣ равем. Аммо дар он ҷо гуфтанд, ки навор ба шаҳрвандон дода намешавад.

Ҷанобони эксперт, ман ҳеҷ касро гунаҳгор карданӣ нестам, вале агар шумо ҳам ба ҷойи ман мебудед ва медидед, ки чаро “оббиёру кӯзашикан”-ро баробар карда истодаанд, чӣ мегуфтед? Мақоли мардуми тоҷик ҳаст, ки мегӯянд: “Аблаҳе аз бом биафтад, гардани мо бишканад...”. Барои ман, ки як умр бо нони ҳалолу пурзаҳмати рӯзноманигорӣ зиста омадаам, ҳаққи касе даркор нест ва ҳамчунин намехоҳам, ки писарам барои гуноҳи каси дигар шуда, зарари мошини гаронқимати кирояро ҷуброн кунад ва рости гап, чунин имконияро ҳам надорад. Аз ин хотир, аз Шумо, муҳтарам генерал, хоҳиш менамоям, ки ҳақро ба ҳақдор расонед ва супориш диҳед, ки зердастонатон аз рӯйи адолат амал кунанду ҷабрдидаю гунаҳгор муайян карда шаванд.

Бовар дорам, ки агар Вазири муҳтарами корҳои дохилии кишвар генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро аз ин қазия огоҳ шаванд, хулосаи холисона хоҳанд баровард, вале банда бовар дорам, ки чунин як мушкили на он қадар бузург, илова бар ин, чунин воқеае, ки гунаҳгору бегуноҳаш чун офтоб рӯшан аст, аз ҷониби худи шумо - муҳтарам сардори Раёсати БДА-и Вазорати корҳои дохилии ҶТ, генерал-майори милитсия Рустам Мирзомуродзода холисона таҳқиқ хоҳад шуд ва ниёзе барои муроҷиат ба зинаҳои боло нахоҳад монд.

**Абдумудассир АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигори собиқадор**

## КУШТОР ДАР ҲОЛАТИ МАСТӢ

**Милитсияи Душанбе марди 30-солаи сокини пойтахтро бо гумони одамкушӣ дастгир кардааст. Дар ин бора ВКД хабар дод.**

Ҳодиса 7-уми апрел, тахминан соати 23:45 рух додааст. Ба иттилои манбаъ, гумонбаршаванда дар манзили истиқоматиаш дар ҳолати мастӣ бо марди 41-солаи сокини пойтахт муноқиша намуда, бо корд як маротиба ба қисмати чапи қафаси синааш зарба задааст.

Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст.

Гуфта мешавад, ки аз рӯи ҳодисаи мазкур тафтишот идома дорад.

## ЛАТУКӮБИ ҲАМСАРИ БАРОДАР

**Милитсияи Хатлон ду мардро барои латукӯб ва таҳдиди куштани ҳамсару духтари бародарашон дастгир кардааст. Дар ин бора Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон хабар дод.**

Ба иттилои манбаъ, бародарон Мадаминов Нуралии 41-сола, Зокиров Дилшоди 44-сола, сокинони деҳаи Ганҷободи ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба хонаи бародарашон Мадаминов Аҳтамҷон даромада, бо ҳамсари ӯ Мадаминова Райҳонгул ва духтараш Мадаминова Раъногул моҷаро намуда, онҳоро латукӯб кардаанд. Гумонбарон дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, нисбаташон бо моддаи 110 қисми 2 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шуда, дар рафти тафтиши пешакӣ қарор дорад.

## ВАЪДАИ КОР ДАР АВРУПО

**Як сокини 25-солаи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо гумони қаллобӣ дастгир гардид.**

Тавре ВКД хабар медиҳад, ӯ худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун намояндаи ширкати “Кор дар Аврупо” муаррифӣ карда, бо ваъдаи таъмин кардан бо кор дар кишварҳои аврупоӣ аз чанд нафар маблағ гирифтааст.

Ба иттилои ВКД, гумонбаршаванда аввали соли 2023 аз як марди 29-солаи сокини ноҳияи Рӯдакӣ 11 ҳазор доллар ва аз марди дигари 33-сола 850 доллари амрикоӣ гирифтааст. Ваъдаҳои додаашро иҷро накарда, маблағҳоро ба манфиати шахсиаш сарф кардааст.

Феълан тафтишот дар робита ба ин қазия идома дорад.



# ПЕШГИРӢ АЗ ГЕПАТИТИ А

**Гепатити вирусии А бемории шадиди сироятӣ буда, бо расонидани осеби аввалия ба ҷигар ҷараён мегирад ва аз шахс ба шахси дигар дар сурати якҷо хӯрок хӯрдан интиқол дода мешавад. Гепатити А нисбат ба дигар гепатитҳои вирусӣ одатан хеле сабук ҷараён гирифта, ба хуруҷи фароянди музмин тамоюл надорад. Маҳз ҳамин патологияро дар зиндагии рӯзмарра «бемории Боткин» меноманд. Омили ангезандаи гепатит вирусе мебошад, ки ба гурӯҳи вирусҳои рӯда мансуб аст. Вируси мазкур дар муҳити беруна тобовар буда, дар ҳарорати +40 дараҷа тӯли чандин моҳ боқӣ мемонад, аммо ҳангоми ҷӯшонидан вирус пас аз 15 дақиқа нобуд мешавад.**

Манбаи сироят одами бемор мебошад. Аз шахси мариз вирус асосан аз тариқи наҷосат ҷудо мешавад, аммо тавассути пешоб камтар.

**Сироят чӣ гуна сурат мегирад?**

Вирус дар организми инсон ба воситаи дастҳои чиркин, ё ҳангоми хӯрдани маводи ғизоӣ, сабзавот ва меваҳо ворид мешавад. Инчунин, ҳангоми шино кардан дар обанборхое, ки ба захоби партовҳои корхонаҳои саноатӣ олуда шудаанд, эҳтимоли ба ин беморӣ гирифтор шудан вуҷуд дорад. Вуруди вирус ба бадани инсони солим ба таври ноаён, ба истилоҳ дар давраи инкубатсионӣ, ки бо гепатити А аз 14 то 35 рӯз тӯл мекашад, сурат мегирад. Сипас, тазоҳуроти беморӣ ба таври зерин оғоз меёбад: ҳарорати бадан афзоиш меёбад, сардард пайдо мешавад, иштиҳо коҳиш меёбад, сустии бадан, бахамхӯрдани дил (дилбеҳузурӣ) ва қай кардан мушоҳида мешавад. Дар бештари беморон падидаҳои пурхӯрӣ ва сурхшавии раҳм (зева) ба вуҷуд меояд. Пешоб хиратоб шуда, ба худ ранги оби чавро мегирад, аммо моддаи мадфӯъ (фекалий) баръакс рӯшан мешавад.

Гепатити А метавонад дар шакли зардча, яъне бо тазоҳури ранги зард аз чашмҳои обраванда (слизистый) ва илтиҳоби пӯст ҷараён ёбад. Аммо мумкин аст, ағлаб дар кӯдакон бидуни шаклҳои зардча вуҷуд дошта бошад. Бо ин ва дигар шакли беморӣ пеш аз ҳама ҷигар осеб мебинад, ки ин бо эҳсоси сангинӣ дар зерқабурғаҳои рост ва афзоиши андозаи ҷигар ба мушоҳида мерасад.

Вируси гепатити А пеш аз зоҳиршавии зардча бо наҷосати шахси бемор хеле зудтар, яъне пеш аз давраи гирифтор шудан ба зардча, ба мушоҳида мерасад. Маҳз дар ҳамин давраи беморӣ беморон барои атрофиёни худ бо расонидани сироят бештар хатарафзоянд.

Баробари пайдошавии давраи зардии ранги склер ва илтиҳоби пӯст тахсиси вирус ба шиддат коҳиш меёбад ва манбаи сироят он зуд паст мешавад. Аз ҳама бештар беморони гирифтори гепатити бидуни шакли зардча хатарноктаранд, зеро дар онҳо аломати асосии дифференсиалии гепатит, яъне зардча вуҷуд надорад, аммо ҷудошавии вирус идома меёбад. Бояд донист ва дар ёд дошт, беморе, ки ба ҳар шакли гепатити А гирифтор аст, манбаи сироят ба атрофиёни худ мебошад. Азбаски гепатити вирусии А гузаранда аст, ҳангоми мулоқот бо бемор мебояд қоидаҳои бехатариро риоя кард. Микробҳо ба воситаи зарфҳои хӯрок (корду шохача) мунтақил мешаванд, инчунин, дар дигар ашё, дастаи дар, розетка, калиди барқ (включатель) ва ғайра низ боқӣ мемонанд. Бемор ҳатман пас аз қазои ҳоҷат бояд дастони худро бо собун бишӯяд. Зарфи хӯроки бемор бояд алоҳида бошад, дигар ашёи ошхонаро дар об мебояд ҷӯшонд ва ё бо воситаҳои зиддиафунӣ бояд безарар кард.

**Тадбирҳои пешгирии гепатити А сода ва барои ҳама дастрас аст:**

› *Иҷрои ҳатмии қоидаҳои беҳдоштии (гигиена) шахсӣ. Шустани дастҳо пеш аз хӯрдани таом, пас аз қазои ҳоҷат, итмоми кор, сайругашт ва монанди ин.*

› *Сабзавот, меваҳою тутҳо, кабудиҳоро дар зери ҷараёни тези лӯлаоб (водопровод) шустан.*

› *Танҳо оби ҷӯшонидаро хӯрдан.*

› *Дар обанборҳо шино накардан.*

› *Дар айни замон аз ҳама усули самараноки пешгирии гепатити вирусии А эмкунӣ маҳсуб мешавад.*

Ҳамчунин, ба истилоҳ «гурӯҳҳои хатарноке» вуҷуд доранд, ки одамони шомили ин гурӯҳ агар иммунитеташон заиф бошад, пеш аз ҳама ҳатман аз маъракаи эмкунӣ гузаранд. Гузашта аз ин, гурӯҳи одамоне низ ҳастанд, ки хатари зуд олудашавӣ ба ин беморӣ доранду ба мамлакатҳое сафар мекунанд, ки дар он ҷо мизони баланди сирояти беморӣ мавҷуд аст. Ба ин гурӯҳ кормандони соҳаи тиби шуъбаҳои сироятӣ, низомиён, мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ ва таълимӣ, кормандони ҷамъияти матлубот ва таъминоти об, бахусус, канализатсия шомиланд. Хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ низ қишри зуд осебпазир маҳсуб мешаванд. Азбаски бемории вирусии гепатити А мавсимӣ аст, нуқтаи авҷи он ба моҳҳои аввали хониш, яъне сентябру октябр рост меояд. Ана дар ҳамин вақт чун нахустин бор аҳли синф ҷамъ меоянд, маҳз дар ҳамин гурӯҳҳо хатари гирифтор шудан баланд мешавад. Ин, пеш аз ҳама, ба паст будани таҷрибаҳои беҳдоштии (гигиена) бачагон дар ҳамин синну сол, инчунин, аз назорати калонсолон дур будани онҳо вобастагӣ дорад. Барои муассисаҳои таълимӣ гурӯҳгурӯҳ ба ин беморӣ гирифтор шуданашон борҳо мушоҳида шудааст. Бинобар ин, бачагон пеш аз фаро гирифта шудан ба таҳсил бояд ҳатман аз маъракаи эмкунӣ бар зидди бемории гепатити А гузаранд.

**Холмирзо ИБРАГИМОВ,**
**духтури оилавии МСД**
**Равоти шаҳри Панҷакент**

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ин ҳафта бештар ба хона ва наздикон таваҷҷуҳ кунед. Корҳои деркардаатонро ба таъхир нагузоред. Аз чизҳои нолозим халос шавед ва хонаву дари худро ба тартиб дароред. Дар муҳаббат нофаҳмиҳо имкон доранд, вале зуд ҳал мешаванд.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ҳафта бо илҳому дидгоҳи тоза оғоз мешавад. Фурсати хубест барои пайвастан ба кори хайр. Дар муҳаббат ба ҳисси ботинии худ такя кунед. Манбаи нави даромад пайдо мешавад, онро дуруст истифода баред. Дар кор натиҷаҳо муҳиманд.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар муҳаббат нофаҳмиҳо эҳтимол доранд, эҳсосоти худро назорат кунед. Дар кор танбалӣ мекунед, вале агар саъй намоед, ҳатман муваффақ мегардед. Заҳмат беҳуда намеравад. Барои беҳтар гаштани вазъи саломатӣ бештар об бинӯшед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Рӯзҳои истироҳатро бо дӯстон ва наздикон сипарӣ кунед. Хоксору самимӣ бошед, аҳли оиларо дар лаҳзаҳои душвор дастгирӣ намоед. Дар масъалаҳои пулӣ фурсатҳои нав ба вуҷуд меоянд, боандеша амал кунед. Қарз нагиред. Хастагии сабук эҳсос мешавад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Шиносоии нав ва вохӯриҳои хотирмон дар пешанд. Муносибат бо наздикон беҳтар мешавад. Нафароне, ки ташнаи муҳаббат ҳастанд, шонси вохӯрии ҷолиб доранд. Аз харҷҳои зиёдатӣ худдорӣ кунед. Дар кор бо ҷаззобият ва эътимод амал намоед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ҳафта бо илҳоми тоза ва неруи зиёд оғоз мешавад. Сарулибоси худро нав кунед. Бо наздикон самимӣ бошед, бештар ҳамроҳ вақт гузаронед. Хабарҳои ногаҳонӣ дар бораи маблағ имкон доранд. Ғизои сабук саломатиро хуб нигоҳ медорад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Ҳафта бо эҳсоси болидагӣ оғоз мешавад. Барои мустаҳкам кардани муносибатҳо, як кори хайрро бо дӯстдоштаатон иҷро кунед. Дар кор фурсатҳои нав, афзоиши маош ё мансаб мумкин аст. Кумаки шахсони таъсиргузор эҳтимол дорад.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Шумо дар маркази диққат қарор мегиред. Фурсатро аз даст надиҳед, истеъдод ва дастовардҳоятонро нишон диҳед. Дар масъалаҳои молиявӣ харҷи ногаҳонӣ эҳтимол дорад, вале барои сармоягузории дарозмуддат фурсати хуб аст.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ин ҳафта вақтро бештар ба масъалаҳои шахсӣ ва ҳуҷҷатҳо бахшед. Робита бо шиноси дерина эҳтимол дорад. Эҳтимол бо собиқ дӯстдоштаатон оштӣ шуда, муносибатҳои худро аз нав барқарор мекунед. Саломатӣ дар охири ҳафта каме заиф мешавад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Аз миёнаи ҳафта бо наздикон бештар бошед, онҳо ба дастгирии шумо ниёз доранд. Касеро танқид накунед ва оромиро нигоҳ доред. Дар касбу кор тамоми диққати худро ба вазифаҳои муҳим равона созед. Натиҷаи заҳмати худро мебинед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ҳафтаи осоишта пешбинӣ мешавад. Муносибат бо наздикон гарм ва рӯҳбахш аст. Агар хоҳед вақтро ғайриоддӣ гузаронед, имкониятҳо ҳастанд. Қарзи кӯҳна бармегардад, аммо даромади нав дертар меояд.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ин ҳафта пур аз сюрпризҳои гуворо хоҳад буд. Шояд бо шахсе аз гузашта робита барқарор кунед. Дар масъалаҳои молиявӣ нақшаи равшан тартиб диҳед. Дар рӯзҳои истироҳат ҳангоми бо банкомат пул равон кардан эҳтиёт кунед.

# ПАЖӮҲИШГАРИ ТАВОНОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

(Аввалаш дар саҳ. 8)



Соли 2013 вай лоиҳаи дигареро оид ба омӯзиши чангу ғубор ба Маркази байналмилалии илми техникӣ пешниҳод намуд, ки он низ аз тарафи олимони ҳамин соҳа аз Амрико ва Фаронса дастгирӣ ёфта, қариб 30 нафар кормандони институт дар ин раванди корҳои илмӣ низ фаъолона зиёда аз 3 сол фаъолият намуданд.

Аз соли 2014 бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти АИ ҶТ байни Тоҷикистону Олмон, байни Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умаров ва Институти тадқиқотҳои тропосферии ба номи Лейбнитси Олмон шартномаи ҳамкорӣ оид ба таҳқиқоти якҷояи бухрони чангу ғубор баста шудааст, ки то ҳоло ҳамкории илмӣ бо онҳо давом дорад.

Тибқи ин лоиҳа таҳқиқоти атмосфера бо фотометри офтобӣ ва лидар дар давоми солҳои 2014-2016 гузаронида шуданд, ки натиҷаҳои беҳтарини ҳамкории илмӣ ба ҳисоб мераванд. Барои лаборатория аз тарафи Олмон маҷмӯи асбобҳои лидар, ки барои корҳои илмии олимони мо дар самти физикаи атмосферӣ зарур буданд, тухфа гардид. Фаъолияти илмӣ бо ин асбобҳои муосир дар раванди ҳамкориҳо бо олимони Олмону Чин давом дорад.

Бо ташаббуси олими барҷаста Абдуллозода С. Ф. ва ҳамкориҳои вай бо олимони давлатҳои Аврупо аз хориҷа ба лаборатория асбобҳои замонавӣ, ба монанди расади офтобӣ, албедометр, пиранометр, пергилометр, спектрометри рентгеонофлориметрӣ ва ғайраҳо ворид гардиданд, ки аз соли 2020 шурӯъ карда, фаъолияти лабораторияро ба сатҳи нави баланди илмии байналмилалӣ баровардаанд.

Натиҷаи ҳамин тадқиқотҳо буд, ки Абдуллозода С. Ф. соли 2014 рисолаи доктории фанҳои физика ва математикаро аз рӯи ихтисоси 25.00.30. - “Обуҳавошиносӣ, иқлимшиносӣ ва обуҳавошиносии кишоварзӣ” дар Шӯрои махсуси диссертатсионии Донишгоҳи давлатии гидрометеорологии Россия (ш. Санкт-Петербург) дар мавзӯи “Таҳқиқотҳои хамачонибаи чанг ва омехтаи газҳо дар минтақаҳои хушк ва таъсири онҳо ба иқлими речаи чанубу шарқии Осиёи Марказӣ” муваффақона ҳимоя намудааст.

## ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ

Маҳсули меҳнатҳои шабонарӯзии профессор Абдуллозода С. Ф. 7 мавзӯи илмӣ - бучавии таҳқиқотии лаборатория (аз соли 1986); 2 барномаи Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) Т-1688 (2009-2012); Т-2076 (2013-2016); 2 лоиҳаи барномаи фонди президентии таҳқиқотҳои бунёдӣ (2014-2015; 2019-2020); лоиҳаи CADEX бо Институти тропосфераи ба номи Лейбнитси Олмон (TROPOS) (ш. Лейптсиг), лоиҳаи таҳқиқоти сифати обу хаво дар доираи барномаи МАГАТЭ бо 16 кишвари Аврупо (2013-2022) бомуваффақият ичро шуда, мавзӯи бучавии ЛФА ва 2 мавзӯи илмии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 идома дорад. Бо роҳбарии ин олими босамар 7 рисолаи номзади илмҳои физикаю математика ҳимоя шуда ва 4 рисолаи номзадӣ тайёр карда шудааст.

Абдуллозода С. Ф. мутахассиси шинохтаи соҳаи физикаи атмосфера ва тағйирёбии иқлим дар байни олимони ин соҳа дар ИДМ ба ҳисоб меравад.

Дӯсти содиқи мо Абдуллозода С. Ф. аз соли 2017 профессори Академияи табиатшиносии Россия, аз соли 2018 узви вобастаи Академияи табиатшиносии Россия, аз соли 2019 ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи Академияи табиатшиносии Россия ва профессори даъватшудаи Донишгоҳи Ланҷоуи Чин мебошад.

Лабораторияе, ки зери роҳбарии профессор Абдуллозода С. Ф. дар шароити кишварамон ба омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи боду ҳаво ва иқлим ва мушоҳидаи он машғул аст, ба муваффақиятҳои беназири илмӣ ноил шудааст. Он ба воситаи шабакаи ташкилкардаи интернетиашон - АЭРОНЕТ то дар шабакаҳои илмии НАСА (ИМА) мавриди таҳлилу омӯзиши олимони ҷаҳон, мутахассисони ин раванди илмии муосир гардидааст. Таҳлилгарону олимони сатҳи ҷаҳонӣ, ки ба ҳавошиносию омӯзиши тағйирёбии иқлим машғуланд, ҳар сол ба натиҷаҳои ба даст овардаи олимони тоҷик баҳои баланди илмӣ медиҳанд.

Доктори илм Абдуллозода С. Ф. борҳо дар конференсияҳои илмии берун аз ҷумҳурӣ баромад намуда, шаъну шарафи илми физикаи муосир ва олимони тоҷикро дар соҳаи табиатшиносӣ бо босаводию кордониаш баланд бардоштааст. Вай бо олимони табиатшиносии Олмон ва Чин то ҳоло ҳамкории доимии самарабахш дорад.

Қисми асосии натиҷаҳои Абдуллозода С. Ф. дар маҷаллаҳои илмии кишвар ва берун аз он, дар 118 конфоронсҳо ва сипозиумҳои байналмилалӣ пешниҳод ва дарҷ гардидаанд.

Ӯ ҳамчунин дар баробари ичрои корҳои илмӣ раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Институти физика ва техникаи ба номи С. У. Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-041 Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ мебошад.

Абдуллозода С. Ф. узви ҳайати мушовараи чандин маҷаллаҳои бонуфузи соҳавӣ буда, ҳамчунин, ба ҳайси муқарризи маҷаллаҳои бонуфузи байналмилалии Atmosphere, Journal Geophysical Reserch-Atmosphere, Remove Sensing, Sensor, International Jurnal fo Plant Production, Sustanebility, Proccesses, Heliyon, Aerobiology, Egusphere , Qeios, Life, Building, Water чандин бор даъват шудааст.

Дӯст ва бародари олими мо Сабурҷон Абдуллозода дорои хислатҳои хубу ҳамидаи инсонӣ мебошад. Вай шахси бениҳоят хоксору ҳалим, меҳрубон ва сахӣ буда, доимо тайёр аст ба атрофиёнаш дасти некӣ дароз кунад. Ба он боварам, ки олимони ҷавони кишвар бояд меҳнаткарию илмомӯзӣ, хоксорию фурӯтанӣ ва ватандорию садоқат ба миллатро аз ҳамин гуна олимони босамар биомӯзанд ва дарси ибрат бигиранд...

**Раҷабалӣ МАҲМАДАЛИЕВ,**
**собиқадори КДАМ ҶТ,**
**генерал-майор**

## МАВЛУДНОМА

**10 АПРЕЛ**

**Абдураҳмон Абдуназаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Маҳбуба Темирбоева** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Солеҳҷон Шукуров** (1940-1996), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**11 АПРЕЛ**

**Вячеслав Грудина** (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Магаллен Субҳонқулов** (1920-1976), 105-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Наҷминиссо Умарова** (1940-2009), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Махфират Ҳамроқулова** (1955), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**12 АПРЕЛ**

**Абдуҳамид Каримов** (1940), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Маннон Рӯзиев** (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор.

**Изолат Сарабекова** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Сироҷиддин Тиллоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Ибод Файзулло** (1935-2003), 90-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Муҳтарам Ҳотам** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир, муҳаққиқ.

**13 АПРЕЛ**

**Михаил Голубов** (1920-2006), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Маҳмадназар Ҳотамов** (1915-2007), 110-солагии зодрӯзи мутриб, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**14 АПРЕЛ**

**Руқия Кароматуллоева** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Муродулло Шерализода** (1945-1992), 80-солагии зодрӯзи журналист, муаррих.

**15 АПРЕЛ**

**Пӯлод Каримов** (1930-2000), 95-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

**Устоқадам Машрабов** (Усто) (1935-1984), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманд, ширинкор, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Ҳамдам Очилов** (1920-2007), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи география, профессор.

**Муҳаммад Юсуф** (1945-2018), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Абдулло Султонов** (1955-2011), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Хунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**16 АПРЕЛ**

**Валентина Акимова** (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Ибодат Ирмуҳаммадова** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Леонид Парадоксов** (1890-1954), 135-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии бинои истиқоматӣ ба номи Давлатова Мукаррам, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, деҳаи Мехробод, соли 2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Чураев Абдуаҳад Неъматуллоевич, РЯМ: 0130026628, РМА: 015129969, ки санаи 25.06.2010 аз Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0177008 ба номи Гулов Хуршед Ҷуракулович, ки соли 2008 аз МТМУ №90-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00157744, ба номи Аҳмадова Дилором Абдулвваҳобовна, ки санаи 31.03.2015 аз ШВКД ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A01700780, ба номи Шокирова Гулистон Бахромовна, ки санаи 21.01.2019 аз ШМД Меҳнатобод, ШВКД ноҳияи Восеъ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартнома оид ба саҳмгузорӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ, аз 22.07.2022, байни ҶДММ "Сапеда-112" ва Ҳасанов Мумин Маҳмадшарифович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Калинин 60, блоки Б, 1-ҳуҷрагӣ, масоҳати умумиаш 63, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0024298, ба номи Зокиров Худойдод Холиқович, ки санаи 12.07.2002 аз Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Изатова Парвина, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Яккачинор 144/4, ҳуҷраи 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУХ 0000044 ба номи Шарипов Фируз Камилович, ки санаи 28.06.2019 аз ҷониби МДТ "Мактаби байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, фехристи №14493, аз 15.04.2019, ба номи Маматов Фазлиддин Фахриддинович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи 1-май, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо реестри №5147, аз 18.06.2012, ба номи Иброгимов Раҳимҷон Зоирович, ноҳияи Ҳамадонӣ, с/х Турдиев, деҳаи Метантуғай, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Ҳисайнов Муҳаммад Рамазонович, ки соли 2020 аз ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0087519, рақами бақайдгирӣ 1631, аз санаи 23.05.2017 ба номи Табаров Фуркат Фарҳодович, ки аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04847798, ба номи Ёқубов Ғолибшоҳ Таварович, ки санаи 20.02.2023 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0254153, рақами қайд №3489, ба номи Зокирова Шаҳноза Тоҷидиновна, ки санаи 29.04.2020 аз ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Ризоева Файзимо Холиқовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 20/2, ҳ. 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №505 аз санаи 15.02.2022, ба номи Бобоев Хуршед Маҳмадсабурович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 26, ҳ. 87, ошёнаи 11, бо масоҳати 106.20 метри мураббаъ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00098038, ба номи Карчигаишоев Зоиршо Укуматшоевич, ки санаи 06.02.2015 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Давлятов Давлатшо, РЯМ: 3330079748, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъмурияти Муассисиа таҳсилоти миёнаи умумии N52-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ, РЯМ: 3310008754, РМА: 330009975, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Исоматов Усмон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, пос. Навобод, дом 123, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1093853 ба номи Мирзоев Саймумин Саймуддинович, ки санаи 21.06.2022 аз ҷониби МТМУ №1-и ноҳияи Сангвор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Беҳзод, РЯМ: 0730219078, РМА: 076716329, аз санаи 14.12.2021, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Шарифов Бахром Саидмуродович, бо суроғаи М. Нарзибекова, бинои 34, ҳ.19, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Умедҷон, РЯМ: 0730135918, РМА: 075537890, аз санаи 15.07.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш ба номи Исоматов Усмон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, пос. Навобод, бинои 123, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.


PRESSA.TJ
Сомонаи нашрияи ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Бинокор ТҶ", РЯМ: 0710009841, РМА: 070016753, ки аз 16.02.2017 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ҷоми Саррез", №0268083, РЯМ: 0210030682, РМА: 020056362, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Дурнамои Диёр", №0269651, РЯМ: 0310021205, РМА: 030033009, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул кабул карда мешаванд.

► Шаҳодатномаи ҶДММ «Шарафҷони Ахмадзода», РМА: 330015030, РЯМ: 3310011018, барҳам мехӯрад.

► Соҳибкори инфиродӣ Чураев Абдуаҳад Неъматуллоевич, РЯМ: 0130026628, РМА: 015129969, фаъолияташро қатъ менамояд.

### СӮГВОРӢ

Раёсати Академияи миллии илмхои Тоҷикистон ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш ба сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарин, доктори илми таърих, профессор Убайдулло Насрулло Каримзода бинобар сабаби марги нобаҳангоми Падаршон сахт андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

### СӮГВОРӢ

Ба имомхатиби масҷиди ҷомеи ба номи Авлиё Бобо дар шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ эшони Сиддиқхони Асадуллозода нисбати фавти писараш Азимуллоҳ изҳори ҳамдардӣ намуда, ба эшон ва аҳли пайвандонашон аз даргоҳи илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонем.

**Аз номи наздикон ва хешовандон, аз ҷумла Исмоил Саидзод**

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# КМВА ЗИНАИ ЯКУМРО АЗ ДАСТ ДОД, «ИСТИҚЛОЛ» СОҲИБ ШУД

**Бозиҳои даври чоруми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон бо задани 21 гол ва нишон додани 5 корти сурх ба анҷом расиданд.**

Дар бозии аввали давр КМВА, ки то ҳол шикаст нахӯрдааст, бо “Баркчӣ”-и Ҳисор бо натиҷаи мусовии 3:3 бозӣ кард. Дар бозии дигар “Ҳулбук”-и ноҳияи Восеъ бо “Эсхата”-и шаҳри Хуҷанд бозӣ карданд, ки бо натиҷаи 2:5 ба фоидаи меҳмонон хотима ёфт. Ин бохти аввали “Ҳулбук” ва пирӯзии дуюми “Эсхата” аст.




“Ҳосилот” ва “Вахш”, ду дастаи вилояти Хатлон муросо карданд ва бозӣ бо ҳисоби 1:1 хотима ёфт. Ин мусовии дуюми “Вахш” буд, ки ин даста то ҳанӯз шикастнопазир аст. “Ҳосилот” пас аз ду бохти пайиҳам ҳамакнун ду мусовии пайиҳамро ба қайд гирифт.

“Регар-ТадАЗ” дар ин давр дар майдони хонагӣ аввалин бозиро кард, ки бо “Равшан”-и Кӯлоб (0:2) ба шикаст дучор шуд. Аз ҳайати “Равшан” дар бозии дуюми пайиҳам Шериддин Бобоев дубл мекунад. Ин дуюмин ғалабаи пайиҳами “Равшан” дар мавсим аст. “Регар-ТадАЗ” бохти дуюмро ба қайд гирифт.

Дастаҳои вилояти Суғд “Хуҷанд” ва “Истаравшан” дар варзишгоҳи “Истаравшан Арена” бозӣ карданд. “Хуҷанд” бо ҳисоби 1:0 аввалин пирӯзиро дар мавсим ба даст овард. Барои “Истаравшан” бохти дуюми мавсим буд.

Дар бозии охири давр “Панҷшер”-и ноҳияи Ҷалолиддин Балхӣ аз “Истиқлол”-и Душанбе бо ҳисоби 0:3 ба мағлуб шуд. Дар оғози бозӣ довар Насрулло Кабиров се корти сурхро аз ҷайб берун оварда, ба бозигарон нишон дод. Дар дақиқаи 11-ум Равшан Азизов аз ҳайати “Панҷшер” корти сурх гирифт. Дар дақиқаи 20-ум пас аз баҳси Манучеҳр Ҷалилов бо Давлатбек Сайдаминов довар ба ҳарду корти сурх нишон дод.

Ҳоло пас аз анҷоми бозиҳои даври чорум “Истиқлол” бо 10 имтиёз пешгоми ҷадвал аст. КМВА, “Вахш” ва “Эсхата” дар зинаҳои баъдӣ ҷой гирифтаанд. “Ҳосилот” ва “Панҷшер” дар таҳхонаи ҷадвал ҳастанд.

Дар даври панҷум рӯзи 11-уми апрел “Баркчӣ” ва “Ҳулбук” дар Ҳисор, “Вахш” ва “Панҷшер” дар Душанбе, рӯзи 12-уми апрел “Истаравшан” ва “Регар-ТадАЗ” дар Истаравшан, “Истиқлол” ва КМВА дар Душанбе ва рӯзи 13-уми апрел “Равшан” ва “Ҳосилот” дар Кӯлоб, “Эсхата” ва “Хуҷанд” дар Хуҷанд бозӣ мекунанд.

## САМБО




# ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ВА УҚЁНУСИЯ

**Аз 14 то 20-уми апрел дар Узбекистон Чемпионати самбои Осиё ва Уқёнусия баргузор мешавад, ки паҳлавонони Тоҷикистон дар ҳайати беш аз 40 кас ширкат мекунанд.**

Дар ин мусобиқа варзишгарони синну соли гуногун, аз кадетҳо то устодон, барои медалҳо мубориза мебаранд. Ба ҳайати дастаи Тоҷикистон дар самбои варзишӣ миёни бузургсолон Талабшо Мунавваров (58 кг), Умар Мирзоев (64 кг), Муҳаммадисо Раҷабов (71 кг), Сайфиддин Сайфиддинзода (79 кг), Зафар Олимшоев (88 кг), Муҳаммад Зоидов (98 кг), Фирдавс Насимов (+98 кг); дар самбои варзишӣ миёни ҷавонон Расул Маҳмадализода (58 кг), Абдулло Қодиров (64 кг), Ҷамолиддин Исломзода (71 кг), Абдулло Лоиқов (79 кг), Фирдавси Баҳодур (88 кг), Фараҳманд Устопириён (98 кг), Абдулло Бобоев (+98 кг); дар самбои варзишӣ миёни наврасон Мирзокарим Исмоилов (53 кг), Амир Шарифов (58 кг), Муҳаммадёсин Сулаймонов (64 кг), Сафиаллоҳ Ҳикматов (71 кг), Амон Замонов (79 кг), Юсуф Аъзамзода (88 кг), Ҳасан Ғафурӣ (98 кг), дар самбои варзишӣ миёни курсантҳо Муҳаммадалӣ Мирзозода (46 кг), Муҳаммад Махсудинзода (49 кг), Ҳусейн Ҷалилов (58 кг), Бахтовар Азизов (64 кг), Абузар Назаров (79 кг), Муҳаммад Аҳмадов (88 кг), Сафиаллоҳ Ҳаётов (+88 кг); дар самбои варзишӣ миёни устодон Расул Ҳодизода (71 кг), Рамз Ҷӯраев (71 кг), Алишер Ғарибшоев (79 кг), Саламшо Муҳаббатов (88 кг), Қиёмиддин Хоҷаев (88 кг), Холмаҳмад Шарифов (88 кг), Фарҳод Ризозода (98 кг), Исмоил Исмоилов (98 кг), Абдулҳамид Раҳимов (98 кг), Файзалӣ Яхшибеков (+98 кг), Алидод Рауфов (+98 кг), Хайрулло Назриев (+98 кг), дар самбои размӣ миёни бузургсолон Беҳрӯз Ҳалимов (64 кг), Худоёр Раҷабзода (71 кг), Рамазон Ҷумаев (79 кг), Холид Толибзода (88 кг); дар самбои размӣ миёни ҷавонон Анӯшервон Назарзода (64 кг), Шоҳин Азиззода (79 кг), Шаҳобиддин Исломзода (88 кг); дар самбо барои нобиноён ва камбиноён Шохрух Назаров (79 кг) шомиланд.

## ҶОМИ ОСИЁ-U-17

# ШИКАСТ АЗ КУРИЁИ ШИМОЛӢ КОРИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОНРО МУШКИЛ КАРД

**Дастаи мунтахаби наврасони футболбози то 17-солаи Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ дар бозиҳои марҳилаи гурӯҳии даври финалии Ҷоми Осиё ду бозӣ баргузор кард, ки дар яке пирӯз шуд ва дар дигаре ба шикаст дучор гардид.**




Дар бозии аввал Тоҷикистон бо ҳисоби 2:1 Уммонро шикаст дод. Куриёи Шимолӣ ва Эрон бо ҳисоби 1:1 мусовӣ карданд. Дар даври дуюм Куриёи Шимолӣ ва Тоҷикистон бозӣ карданд, ки вохӯрӣ бо ҳисоби 3:0 ба фоидаи тими ҳариф хотима ёфт. Дар бозии дигари ин давр Уммон бар Эрон бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуд. Ҳоло дар ҷадвали гурӯҳи “D” Тоҷикистон бо 3 имтиёз дар зинаи дуюм аст. Куриёи Шимолӣ бо 4 имтиёз аввал аст, Уммон бо се имтиёз дар зинаи сеюм ва Эрон бо як имтиёз дар зинаи охир қарор доранд. Дар даври сеюм рӯзи 11-уми апрел Тоҷикистон бо Эрон ва Куриёи Шимолӣ бо Уммон бозӣ мекунанд. Пирӯзӣ ба дастаи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ба марҳилаи плей-оффи Ҷоми Осиё ва ҳам ба даври финалии Ҷоми ҷаҳон-2025 роҳ ёбад.

## ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ FIFA МАВҚЕАШРО НИГОҲ ДОШТ

**FIFA раддабандии навшудаи дастаҳои мунтахаби аъзояшро нашр кард, ки Тоҷикистон дар муқоиса бо рейтинги пешина мавқеи худро нигоҳ дошта, бо 1203.08 имтиёз дар мақоми 104-ум қарор дорад.**

Пешсафи раддабандӣ дастаи мунтахаби Аргентина боқӣ мондааст, ки қаҳрамони амалкунандаи ҷаҳон аст. Зинаи дуюмро Испания ва зинаи сеюмро Фаронса соҳибанд. Ба даҳгонаи аввал Англия, Бразилия, Нидерланд, Португалия, Белгия, Италия ва Олмон шомиланд.

Моҳи март футболбозони Тоҷикистон ду бозӣ гузаронида, дар вохӯрии дӯстона аз тими Беларус бо ҳисоби 0:5 шикаст хӯрданд ва дар бозии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё бо ҳисоби 1:0 тими Тимори Шарқиро мағлуб карданд.

Байни дастаҳои Осиёи Марказӣ Узбекистон дар зинаи 57-ум, Қирғизистон - 103-юм, Қазоқистон - 113-ум ва Туркманистон - 142-ум ҷойгир шудаанд.

## РЕЗААХБОР




Размикори тоҷик Азиз Ҳайдаров (21-6) дар мусобиқаи "Road to UFC" рақобати нави худро баргузор мекунад. Рақиби ӯ Адилет Нурматов аз Қирғизистон (13-2) хоҳад буд. Ин набард дар Шанхайи Чин баргузор мешавад. Ҳайдаров дар мусобиқаҳои ACA, WFCA, PFC ширкат кардааст. Ӯ 21 ғалаба ва 6 бохт дорад. Дар муборизаи охирини худ дар мусобиқаи JCK Night Cage Series бар паҳлавони чинӣ Мулатбике Айлӣ пирӯз шуда буд.

***

Дар доираи баргузории Форуми минтақавии Шӯрои олимпии Осиё ва ҳамбастагии олимпӣ барои кумитаҳои миллии олимпии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ дар шафати Боғи фарҳангию фароғатии «Кӯли ҷавонон»-и пойтахт байни иштирокчиёни форум «Дави дӯстӣ» баргузор гардид. Дар «Дави дӯстӣ» намояндагони ҳайатҳои 22 кишвари иштирокдори Форум иштирок карданд. 6-уми апрел дар Душанбе Форуми Шӯрои олимпии Осиё ва ҳамбастагии олимпӣ оғоз гардид, ки дар он варзишгарону роҳбарони сохторҳои варзишии зиёда аз 22 кишвари Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ иштирок карданд.

***

Бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе аз 24 то 28-уми апрел Мусобиқаи байналмилалии куштӣ барои дарёфти «Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе» баргузор мегардад. Мусобиқа дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе бо мақсади ташвиқу тарғиб ва рушду равнақи варзиш, таъмини оммавияти варзишу солимгардонии сокинони пойтахт ва дар сатҳи баланди ташкилӣ таҷлил кардани Ҷашни байналмилалии Наврӯз гузаронида мешавад.

***

Ҳамлагари руси дастаи хоккейи «Вашингтон» (ИМА) Александр Овечкин бо 895 гол рекорди канадагӣ Уэйн Гретскиро нав кард. Овечкин дар NHL (Лигаи миллии хоккей) 1487 бозӣ гузаронида, 895 гол задааст, ки бо ин натиҷа ҳоло ӯ беҳтарин нишонзан аст.

# КЕЛИНИ БЕДАСТУ ПО

*(Хулосаи мактубҳо)*

Ҳарчанд аз рӯзи чопи рӯзномаи мо «Яккабед» муддати зиёде нагузаштааст, вале хонандагони худро пайдо кардем, сафи онҳо рӯз то рӯз зиёд мешавад. Ҳамарӯза тавассути СМС ва бо лифофа номаҳои бешумор мерасад. Аммо имкони нашри ҳамаи онро надорем ва барои ин аз муштариён қаблан узр мепурсем.




Масалан, зане бо номи Мастонабибӣ Тӯрақулова (барои бехатарию оромии оилааш ва хоҳиши шахсиаш ӯро Шодия Эшбоева ном додем,- Э. С.) аз деҳаи Гулобод менависад, ки келинаш Нигора дасту пойи бутун надорад. Аз рӯзи омаданаш як моҳ нашуда ду чойнак, ҳафт пиёла ва як косаро шикастааст. Вале, М. Тӯрақулова, узр, Ш. Эшбоева аниқ нагуфтааст, ки чойнак чинӣ, сафолин ё тунукагин, аз куҷо харидааст, арзиши он, ҷойи истеҳсолаш, бо пули кӣ харидааст, нагуфтааст. Тақдири пиёлаю коса ҳам мушаххас нест. Аз ин рӯ, шикоятро чоп карда наметавонем.

Бобои Эшонқул Тоҷиев ду саҳифаи пешу қафо пур бо унвони «Ҷӯгӣ соҳиб дорад ё талбанда безор кард?!» нома навишта фиристодааст. Аввало, бобои Эшонқул, барои эътиборатон ба нашрияамон ташаккур мегӯем. Сад офарин! Сонӣ, пӯсткандаи гапро гӯем, ҷӯгӣ ҳам, талбанда ҳам, шаҳрванди комилҳуқуқи кишварамон аст. Ягон нафари онҳо аз Африқо ё Никарагуа наомадааст. Аз ин рӯ, набояд таҳқир кунем, ба шахсияташ расем. Фаромӯш накунед, шахсоне ҳастанд, ки дар нармкурсӣ нишаста, «пуф-пуф»-кунон қаҳва нӯшида, дастадаста пул меёбанд. Ҷӯгию талбанда чӣ? Саҳлакак инсоф кунед, бобо, қаҳрамонҳои шумо гуфтагӣ аз субҳ то шом зери офтоби сӯзон, барфу борон, боз дар ба дар гашта (баъзеашон дар кӯча болои коғази картон шишта), чор танга меёбанд. Бо ин дирам-дирами ману шумо онҳо кай хонаи дуошёна месозанд, ё арзонтар бошад ҳам, мошини «Мерс» мехаранд? Пеш аз қалам ба даст гирифтан ин тарафашро ҳам бояд фикр мекардед. Ана бо ҳамин сабаб аз чопи шикояти шумо худдорӣ намудем.

Шавкатҷон ном мактабхон (насабашро ненавиштааст) аз кӯчаи Раҳгузар, маҳаллаи Гули бодом, деҳаи Чорсада навиштааст:

- Редаксияи азиз! Рӯзе нест, ки муаллимон аз мо пул напурсанд. Пулро бошад, мо аз падар ё модар мепурсем. Аммо онҳо аз пул додан безор шуда, мехоҳанд, ки маро ба дигар мактаб гузаронанд. Вале ман мехоҳам ҳамроҳи ҳамсинфон бошам. Дар ин бобат ба ман кумак расонед. Бо эҳтиром, хонандаи шумо Н. Шавкатҷон.

Шавкатҷон, ҳақиқатан ҳам шумо актуалний масъаларо бардоштед. Мо ҳам ният доштем дар ин бобат мақолае чоп кунем. Аммо ҳар мақола, хабар ва шикоят бояд асос дошта бошад. Шумо қайд накардед, ки кадом муаллим (ному насаб, чандсола, зан ё мард) кадом рӯз, бо кадом мақсад (нақдӣ ё бо карта) чанд пул гирифтааст. Бар замми ин, шумо хонандаи кадом мактаб? Инаш ҳам аниқ нест. Боз навиштаед, ки «Оё аз пул гирифтану пул пурсидан халосӣ ҳаст?». Ҳаст, Шавкатҷон, дар ин замони техникаю инноватсияю канализатсияю мактабизатсия ягон мушкилот нест, ки ҳал нагардад. Фақат рӯҳафтода нашавед, мактабро хатм мекунеду олам гулистон!

Ҳамин тавр, ҳаводорони рӯзномаи мо Истад Турсунов доири асфалт кардани 3 метр лаби дараш, Мустафо Завқиев оид ба гум шудани 6 бех ниҳоли себу ноки боғи навбунёдаш, Бахтиёри Хушвақт доири гурехта рафтани номзадаш, Муъмин Исҳоқӣ аз яккаву танҳо буданаш доири пайдо кардани ягон тан маҳрам мадад пурсида, нома фиристодаанд.

Барои эътибор ба рӯзномаамон ба муаллифони сершумор изҳори сипос менамоем. Нависед, мо мунтазири номаҳо ва зангҳои шумоем.

**Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,**
**мудири шуъбаи мактубҳои рӯзномаи "Яккабед"**

### ОДАТ

Муфлисе кафи дасташро ба фолбин нишон дода, мепурсад:

- Бигӯ, ки қашшоқии ман то кай давом мекунад?

- То панҷоҳсолагиат,- мегӯяд фолбин.

- Баъд чӣ, пулдор мешавам?,- мепурсад мард.

- Не, баъд одат мекунӣ?,- посух медиҳад фолбин.

### 28 МАРТ

Духтарча тақвим дар даст давида ба хона медарояд ва ба санаи 28-уми март ишора карда, аз падараш мепурсад:

- Дадаҷон, дар рӯзи дувумин ҳаштуми март ба ман чӣ туҳфа мекунед?

### САМОКАТ

Аз сухбати ду марди сарватманд:

- Сухроб, ту самокат дорӣ?

- Ориф, худат медонӣ, ки ман лимузини калон дорам, самокатро ба сарам мезанам?

Ориф дар ҷавоб:

- Самокатро дар дохили лимузин ҳай мекунӣ, нодон!

### ИНТЕРНЕТ

Людовик муовини худро даъват карда, мепурсад:

- Чаро дар Версал интернет нест?

Муовин:

- Ҷаноб, шумо худатон фармон додед, ки барномасозро кушем.

Людовик:

- Ман гуфтам, ки барномасозро кушед, на интернетро!

### МЕҲМОН

Мард ба занаш мегӯяд:

- Занак, имрӯз ба хонаамон меҳмон меояд, ягон хӯрок омода кун!

Зан мепурсад:

- Хӯрокро тавре пазам, ки меҳмонҳо боз биёянд ё дигар ҳеҷ гоҳ наоянд?

**Таҳияи**
**Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

